Дар чунин шароит таҳлили илмии мақоми ҳуқуқии Агентӣ аз мавқеи маъмурӣ-ҳуқуқӣ басо муҳим аст, зеро ки зимни муносибатҳои ҳуқуқие, ки дар соҳаи назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ба вуҷуд меоянд, дар баробари шахсе, ки ҳуқуқвайронкуниро содир намудааст, ҷониби дигар Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия баромад менамояд. Дар ин асно набояд, ки нақши муайянкунандаи Агентӣ ва мақомоти дар маҳалҳо будаи он дар татбиқи чораҳои муқовимат бо коррупсия ва қонунгузории зиддикоррупсионии кишвар нодида гирифта шавад. Инкишофи сохтори ташкилӣ, маъмурӣ-идоракунӣ ва салоҳияти функсионалии мақомоти зиддикоррупсионии кишвар, сатҳи ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ будани мақсад ва вазифаҳои дар назди мақомоти Агентӣ гузошташуда, таҷзияи оқилонаи функсия ва ҳуқуқҳои ин мақомот, то чи андоза вай аз салоҳиятҳои худ самаранок истифода менамояд, аз ҳолати рушди фаъолияти иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқию давлатӣ, инчунин ҳифзи манфиатҳои давлат ва шаҳрвандони он вобастагии зиёд дорад.

Интихоби мавзӯъ ва таҳқиқоти гузаронидашуда ба ҳалли масъалаҳои болозикр, ки дар назди мақомоти Агентӣ гузошта шудааст, вобастагӣ дошта, танҳо дар асоси таҳлили амиқи қонунгузории амалкунанда, дарк кардани усулҳои аз ҷониби ҳуқуқшиносони ҳирфаӣ ва доктринаҳои ҳуқуқиии коркардшуда, инчунин омузиши таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунандаи Агентӣ ва мақомоти он арзёбӣ мегардад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Бояд қайд кард, ки дар адабиёти ҳуқуқшиносии рус таҳқиқи монографии махсус, ки ба вазъи маъмурию ҳуқуқӣ ё, ки умуман вазъи ҳуқуқии мақомоти махсусгардонидашудаи зиддикоррупсионӣ бахшида шуда бошад, мавҷуд нест. Ин ҳолат шояд дар

---

[1] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021 [Захираи электронӣ] / Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ: URL: http://mmk.tj. (санаи муроҷиат: 21.03.2021).

ташаккул наёфтани чунин мақомоти махсусгардонидашуда дар Федератсияи Россия ва дигар давлатҳои славянии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ифода ёбад, чунки дар ин кишварҳо мубориза бо коррупсия аз ҷониби тамоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бурда мешавад.Дар кишварҳои Осиёи марказӣ бошад, эҳтимол меравад, ки аз ҳисоби рушд наёфтани илми ҳуқуқи маъмурӣ ё бо сабабҳои мураккабии ҳудудгузории фаъолияти ҳифзиҳуқуқӣ аз маъмурӣ-идоракунӣ ба ин мавзӯъ аҳамияти илмӣ дода нашудааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқи мазкур нахустин рисолаи бунёдӣ дар ин бобат маҳсуб меёбад.

Қайд намудан зарур аст, ки ҳолатҳои назариявии асосҳои вазъи маъмурию ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар таълифоти классикҳои ҳуқуқи маъмурӣ ба мисли: И.А. Азовкин[2], С.С. Алексеев[3], А.П. Алёхин[4], Г.В. Атаманчук[5], Ю.М. Козлов[6], В.Н. Кудрявцев[7], Д.Н. Бахрах[8], И.Л. Бачило[9], Б.Н. Габричидзе[10], А.Н. Козирин[11], А.С. Круглов[12], Б.М. Лазарев[13], А.Н. Лунев[14], Ю.Н. Тихомиров[15], К.Ф. Шеремет[16] ва дигарон, ки дар илми ҳуқуқи маъмурӣ саҳми назаррас

---

[2] Азовкин. И. А. Управление и контроль в деятельности высших органов власти в СССР [Текст] / И. А. Азовкин. – Москва: Знание, 1986. – 63с.; Он же: Высшие представительные органы власти в СССР [Текст] / И. А. Азовкин и др. АН СССР, Ин-т государства и права. – Москва: Наука, 1969. - 399 с.

[3] Алексеев, С.С. Общая теория социалистического права. - Вып. 1 [Текст] / С.С. Алексеев. – Свердловск, 1965. - 418 с

[4] Алехин, А.П. и др. Административное право Российской Федерации. Учебник. [Текст] / А.П. Алехин, А.А. Кармолицкий, Ю.М. Козлов. – М.: Зерцало-М., 2003. - 608 с.; Алехин, А.П. и Кармолицкий А.А. Административное право Российской Федерации. Учебник. [Текст] / А.П. Алехин и А.А. Кармолицкий. – М.: Зерцало-М, 2011. - 312 с.

[5] Атаманчук, Г.В. Теория государственного управления: Курс лекций [Текст] / Г.В. Атаманчук. – М.: ОМЕГА-Л, 2005.

[6] Козлов Ю.М. Административное право. – М., 2005.

[7] Кудрявцева В.Н. Стратегии борьбы с преступностью. – М.: Юрист, 2003. - 349 с. (2-е изд., перераб. и доп. - Москва: Наука, 2005. - 365 с).

[8] Бахрах, Д.Н. Административное право [Текст] / Д.Н. Бахрах. – М., 1996.

[9] Бачило, И.Л. Функции органов управления [Текст] / И.Л. Бачило. – М., 1976.

[10] Габричидзе, Б.Н. Конституционный статус органов Советского государства [Текст] / Б.Н. Габричидзе. – М.: Юридическая литература, 1982.

[11] Козырина А.Н. Административное право зарубежных стран. Учебник. [Текст] / А.Н. Козырина. – М.: Спарк, 2003. - 225 с.

[12] Круглов В.А. Административное деликтное право. Учебное пособие. [Текст] / В.А. Круглов. – Мн.: Изд-во МИУ, 2003. - 111 с.

[13] Лазарев, Б.М. Компетенция органов управления [Текст] / Б.М. Лазарев. – М., 1972; Он же: Лазарев, Б.М. Государственное управление на этапе перестройки [Текст] / Б.М. Лазарев. – М.: Юридическая литература, 1988.

[14] Лунев А.Е. Теоретические проблемы государственного управления. – М.,1974.

[15] Тихомиров Ю.А. Административное право и процесс. Полный курс. – М.: 2001. - 652 с.; Он же: Тихомиров Ю.А. Проблемы формирования административной юстиции в России // Проблемы административной юстиции. Материалы семинара. – М., 2002. С.78.

[16] Шеремет К.Ф. Сельский Совет. Проблемы правового положения [Текст] / К.Ф. Шеремет. – М.: Юридическая литература, 1966. - 144 с.; Он же: Актуальные проблемы совершенствования законо-дательства СССР и союзных республик о Советах народных депутатов // Тезисы докладов на пленарном и секционных заседаниях научной конференции "Теоретические проблемы

гузоштаанд, коркард шудаанд ва бояд гуфт, ки коркарди проблемаҳои назарияи вазъи ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти иҷроияи даврони Шуравӣ шоистаи баҳои баланд мебошад.

Сарфи назар аз он, ки таҳқиқоти гузаронидаи онҳо хоси модели шӯравии ҳокимияти давлатӣ аст, аксарияти ҳолатҳои назариявии аз ҷониби олимони болозикр коркардшуда то ҳол мубрамияти худро нигоҳ доштаанд ва метавонанд дар мукаммалсозии идоракунии давлатии Тоҷикистони муосир истифода карда шаванд.

Дар замони собиқ Иттиҳоди Шуравӣ бошад, вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар корҳои илмии олимон аз ҷумла: Зелентсов А.Б.[17], Старилов Ю.Н., Россинский Б.В.[18], Стахов А.И., Кононов П.И.[19], Махина С.В.[20], Демин А.А.[21] ва дигар намояндагони илми ҳуқуқи маъмурии Россия мавриди тадқиқот қарор дода шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои идоракунии давлатӣ ва консепсияи муосири рушди ҳокимияти иҷроия дар корҳои профессор Раззоқов Б.Ҳ. дарҷ карда шудаанд.[22]

Масъалаҳои муқовимат бо коррупсия, ки ба вазъи мақомоти марбутае, ки ба ин фаъолият сарукор доранд, дар корҳои донишмандони зерин: Хабриева Т.Я.,Чиркин В.Е., Куракин А.В., Ноздрачев А.Ф., Оболонский А.В., Козбаненко В.А., Харабет К.В., Хаманева Н.Ю. ва дигарон дарҷ гардидааст.

---

законотворчества социалистического государства" (8 - 10 декабря 1982 г.). – М.: Изд-во ВНИИСЗ, 1982. С.67-70.

[17] Зеленцов А.Б. Административная юстиция. Учебное пособие. – М.РУДН.1997; Он же: Зеленцов А.Б. Административная юстиция как форма административной юрисдикции // Проблемы административной юстиции. Материалы семинара. – М., 2002. С.107-127.

[18] Россинский Б.В., Старилов Ю.Н. Административное право. Учебник. - 4-е изд., пересмотр, и доп. – М.: Норма, 2009. - 928 с.

[19] Кононов П.И., Кикоть В.Я., Килясханов И.Ш. (ред-ры) Административное право России. Учебник для студентов вузов, обучающихся по специальности "Юриспруденция". - 5-е изд., перераб. и доп. – М.: ЮНИТИ-ДАНА: Закон и право, 2012. - 759 с.

[20] Махина С.Н. Административная децентрализация в Российской Федерации. Монография. – Воронеж: ВГУ, 2005. - 336 с.

[21] Демин А.А. Административный процесс в развивающих странах./Отв. Ред. Н.А.Куфакова. М.: Изд-во УДН, 1983.

[22] Раззоков, Б.Ҳ. Идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.Ҳ. Раззоков. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 236 с.; ҳамон кас, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – роҳбари ҳокимияти иҷроия . [Матн] / Б.Ҳ. Раззоков. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 356 с.; Ҳамон кас, Государственная администрация Таджикистана на рубеже веков [Текст] / Б.Х. Раззоков. – Душанбе: Ирфон, 2011(ба заб.русӣ).; Ҳамон кас, Организация исполнительной власти Республики Таджикистан [Текст] / Б.Х. Раззоков. – Душанбе, 2015. - 416 с. ва ғ. (ба заб.русӣ).

Ҷанбаҳои алоҳидаи вазъи маъмурию ҳуқуқии мақомоти идоракунии давлатӣ дар рисолаҳои Т.А. Зайтсев[23], А.А. Бондаренко[24], Т.С. Валиулин[25], А.К. Булатов[26] мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои чораҳои маъмурию ҳуқуқии мубориза бо коррупсия монографияи Иброҳимов С.И. ва Урунова Ш.А. "Ислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самаранокии чораҳои маъмурию ҳуқуқии мубориза бо коррупсия"[27] бахшида шудааст.

Истеҳсолоти маъмурӣ – расмиётӣ дар фаъолияти Агентӣ дар таълифоти Р.Н. Марифхонов[28], инчунин ҷанбаҳои алоҳидаи фаъолияти мақомоти зиддикоррупсиониро профессорон А.Д. Ғафурзода, Ҷ.С. Муртазозода ва дигар муҳақиқоти ватанӣ инъикос намудаанд.

Ғайр аз ин, дар илми сиёсӣ-ҳуқуқии ватанӣ вобаста ба масъалаҳои коррупсия ва қонунгузорӣ дар бораи коррупсия корҳои илмии зерин бахшида шудаанд: З.И. Азимов[29], М.Н. Халифаев[30], Х.А. Умаров[31], Ҷ.Ю. Рустамов[32] ва дигарон.

Дар Ҷумҳурии Қирғизистон ин масъаларо Т.А. Рустамбаев қисман баррасӣ намуда, дар Ҷумҳурии Қазоқистон дар рисолаи А.Е. Абилкасимов мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Бояд қайд намуд, ки масъалаи баррасишаванда аз ҷониби мутахассисони соҳавии илми ватанӣ ва муҳаққиқони ҳуқуқи маъмурӣ – Иброҳимов С.И., Раззоқов Б.Н., Ғафурзода А.Д., Марифхонов Р.Н., Ойев Х.О., Маҷидзода

---

[23] Зайцев Т.А. Административно-правовой статус органов исполнительной власти субъектов РФ: дис. …канд. юрид. наук. - Хабаровск, 2001. - 265 с.

[24] Бондаренко А.А. Административно-правовой статус органов исполнительной власти субъектов РФ в условиях административной реформы: дис. … канд. юрид. наук. - М., 2006. – 205 с.

[25] Валиулин Т.С. Административно-правовой статус органов внутренних дел на транспорте: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2007. - 168 с.

[26] Булатов А.К. Таможенные органы Российской Федерации: административно-правовой статус: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2007. - 227 с. и др.

[27] Иброхимов С.И., Урунова Ш.А. Судебно-правовые реформы в Республике Таджикистан и эффективность административно-правовых мер борьбы с коррупцией. – Душанбе: Ирфон, 2012. - 175 с.

[28] Марифхонов Р.Н. Конституционно-правовые основы органов местной исполнительной власти» (Глава 4 Конституции Таджикистана и явление государственного права в развитии национальной государственности". – Душанбе: Дониш, 2019. – 620 с. (523-577) (на тадж. яз.).

[29] Азимов З.И. Роль контрольно-ревизионных институтов в обеспечении экономической безопасности: на примере Агентства по государственному финансовому контролю и борьбе с коррупцией Республики Таджикистан: дис. … канд. экон. наук. / З.И. Азимов. М., – 2010 г. 159 с.

[30] Халифаев М.Н. Политико-правовые аспекты противодействия коррупции в Таджикистане: дис. … канд. полит. наук / М.Н. Халифаев. – Душанбе, 2009 г. 169 с.

[31] Умаров Х.А. Противодействия коррупции в РТ: уголовно-правовые и криминологические аспекты: дис. … канд. юрид. наук / Х.А. Умаров. – М., 2007 187 с.

[32] Рустамов Д.Ю. Организационно-правовые основы государственного финансового контроля в сфере бюджетных отношений РТ: дис. … канд. юрид. наук / Д.Ю. Рустамов. - М., 2019 г. 234 с.

Ҷ.З., Диноршоҳ А.М., Санаваров Г.С., Нуралиев С.Н. ва дигарон қисман мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Тахқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-тадқиқотии шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ барои солҳои 2016-2020 дар мавзӯи "Рушди институтҳои ҳуқуқи давлатӣ дар марҳилаи муосир" анҷом дода шудааст

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқ.** Мақсади кори диссертатсионӣ аз тадқиқи маҷмӯии вазъи маъмурию ҳуқуқии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки он ба баррасии масъалаҳои пайдарҳам оид ба ташкили сохтор ва салоҳияти функсионалии он нигаронида шудааст, иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Ҳадафи болозикр водор менамояд, то ки вазифаҳои зерин муқаррар карда **шаванд**:

- муқаррар намудани нақш ва ҷойгоҳи Агентии зиддикоррупсионӣ дар низоми ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
- ошкор намудани муносибати ҳокимият, тобеият ё ки дигар алоқаҳои идоракунӣ миёни Агентӣ ва мақомоти олии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомотҳо.
- додани тавсифнома ба самти мақсаднок ва ташкилӣ-сохтории вазъи ҳуқуқии Агентӣ.
- гузаронидани таҳлили муназзами самтҳои функсионалии фаъолияти Агентии зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
- омӯзиши проблемаи ҳудудгузории салоҳиятҳо миёни Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва Палатаи Ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон.
- коркард ва пешниҳодҳо оид ба муносиб кардани мақоми маъмурию ҳуқуқии Агентӣ тавассути чораҳои ташкилию ҳуқуқӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар ҷараёни таъсисёбии (ташаккул, тасдиқи сохтор, муайян намудани мақоми он дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муносибатҳои мутақобил бо дигар мақомоти назоратӣ ва ҳифзи ҳуқуқ) ва амал кардан (роҳандозии фаъолият оид ба идоракунии низом, ташкили кор оид ба муқовимат бо коррупсия ва ғайра) дар Агентии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти он дар соҳаи амалисозии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия мебошад.

**Мавзӯи (предмет) таҳқиқот.** Предмети таҳқиқоти диссертатсионӣ меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки ташаккулёбӣ, сохтор, роҳбарият ва татбиқи ваколатҳо, амалисозии фаъолияти ташкилию идоракунӣ, инчунин тамоюлҳои асосии рушди маъмурӣ-юрисдиксионӣ-и Агентӣ ва органҳои онро ба танзим медароранд, ташкил медиҳад. Ҳамчунин дархурдҳои консептуалии интихоби модел ва масъалаҳои такомули вазъи ҳуқуқии Агентӣ ва сохторҳои он арзёбӣ мегардад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур фарогири чаҳор давраи рушди соҳаи ҳуқуқи маъмурӣ ва мурофиаи маъмурӣ мебошад:

1) давраи фаъолияти мақомоти мубориза бо коррупсия дар Тоҷикистони Шуравӣ; 2) инкишофи қонунгузорӣ дар бораи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият; 3) шартҳои мутақадими ташкилию ҳуқуқии таъсиси мақомоти махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; 4) такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат бо коррупсия.

Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ таърихи ташаккул ва инкишофи институти махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия мавриди омузиш ва баррасӣ қарор гирифтааст. Инчунин дар он таҳлили муқоисавии қонунгузории Тоҷикистон ва мақомоти зиддикоррупсионии кишварҳои хориҷӣ анҷом дода шуда, тавсияҳои судманд ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ва вазъи маъмурию ҳуқуқии институти махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия манзур гардидааст.

Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири солҳои 2016-2022 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Таҳқиқ дар доираи рисолаи мазкур, ки маҷмӯи саволҳои зиёдеро дар бар мегирад, зарурат ба миён овард, то рӯ ба корҳои васеъ оид ба назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурӣ оварда шавад. Ҳамзамон таълифоти олимон,

- оид ба назарияи давлат ва ҳуқуқ ва назарияи идоракунии давлатӣ – С.С.Алексеев, Т.И.Байтин, А.Б.Венгеров, Т.В.Кашанина, Д.А.Керимов, Т.Н.Радко, М.Н.Марченко, А.Р.Нематов, Р.Ш.Сотиволдиев, Ю.А.Тихомиров, В.А.Юсупов ва дигарон;
- аз рӯи ҳуқуқи конститутсионӣ – О.Е.Кутафин, Е.И.Козлова, Н.А.Михалева, А.И.Имомов, А.М.Диноршоев ва дигарон;
- оид ба ҳуқуқи маъмурӣ – А.Б.Агапов, Ю.С.Адушкин, А.П.Алехин, Г.В.Атаманчук, З.А. Багишаев, Д.Н.Бахрах, И.Л.Бачило, Б.Н.Габричидзе, Ю.М.Козлов, А.И. Козирин, А.П. Коренев, В.М.Манохин, А.Ф.Ноздрачев, Д.М.Овсянко, Ю.А.Тихомиров;

- асарҳои тадқиқотчиёни миллӣ: С.И. Иброҳимов, А.Д. Ғафурзода, Р.Н. Маърифхонов, Ҷ.О. Оев, Б.Ҳ., Раззоқов, З.М. Раҳматова, Б.С. Гадоев, Д.З. Маҷизода, Ш.М. Урунова ва дигарон мавриди истифода қарор гирифтанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Ҳалли вазифаҳои гузоштaшуда бо ёриии усули диалектикии дарки воқеият , ки истифодаи он имкон дод, то проблемаҳои консептуалии рушди муосири вазъи маъмурию ҳуқуқии Агентии зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шаванд. Зимни таҳқиқ усулҳои махсус ва умумиилмӣ истифода бурда шудаанд. Бо роҳҳои таҳлил ва синтез аломатҳои назаррас ва хусусиятҳои вазъи маъмурию ҳуқуқи Агентӣ муайян карда шудаанд. Усули қиёсию ҳуқуқӣ имкон дод, то асосҳои назариявӣ ва меъёрии вазъи маъмурию ҳуқуқӣ бо мақсади ошкор намудани хусусиятҳои умумӣ ва махсуси он мавриди муқоиса қарор дода шавад. Хусусан аз ҷониби унвонҷӯ усулҳои расмӣ-ҳуқуқӣ, қиёсӣ-ҳуқуқӣ, инчунин услубҳои амсиласозии ҳуқуқӣ ва герменевтикаи ҳуқуқӣ фаъолона истифода карда шудааст. Бо ёрии усули амсиласозии ҳуқуқӣ таркиби муносиби воситаҳои ҳуқуқии батанзимдарории муносибатҳои дохилинизомии маъмурию ҳуқуқӣ коркард карда шудаанд.

Татбиқи маҷмӯии усулҳои болозикр имкон дод, ки предмети таҳқиқ ҳаматарафа, пурра ва воқеъбинона мавриди омӯзиш қарор гирифта масъалаҳое, ки дар диссертатсия ба миён гузошта шудааст, ҳалли худро ёбанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Асосҳои эмпирикии таҳқикро таҷрибаи ташаккулёбии ташкили фаъолияти Агентӣ; ҳисоботҳои расмии оморӣ; таҷрибаи ташкилӣ ва идоракунӣ дар Агентӣ аз рӯи сохтор; тартиби амалкунандаи ҳалли масъалаҳои интихоб; бозомузӣ ва ҷобаҷокунии кадрҳо дар Агентӣ; маблағгузорӣ ва таъминоти моддӣ-техникии Агентии зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар илми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон (ва тамоми қаламрави ИДМ) ин аввалин тадқиқоти маҷмуии назариявию амалии ҳуқуқӣ вобаста ба проблемаҳои вазъи маъмурию ҳуқуқии мақомоти махсусгардонидашудаи зиддикоррупсионӣ маҳсуб меёбад.

Мусаллам аст, ки бо инобат гирифтани воқеиятҳои муосир дар он тадқиқоти чандинсолаи проблемаҳои вазъи маъмурию ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки илми ҳуқуқи маъмурӣ ва назарияи идоракунии давлатӣ онҳоро коркард намудааст, ҷамъбаст гардидааст. Дар он кушиш ба харҷ дода шудааст, то ки масъалаҳои баррасии пурраи ба ташаккулёбӣ ва тавсеаёбии вазъи маъмурию ҳуқуқии мақомоти зиддикоррупсионӣ бо хусусияти дугунагии он алоқаманд, возеҳ гардад.

Дар асоси қонунгузории амалкунанда ва бо инобат гирифтани воқеиятҳои муосир диссертант маҳфуми вазъи маъмурию ҳуқуқии Агентиро мушаххас ва дақиқ намуда, дефинитсияи шахсии худро вобаста ба ин маҳфум манзур намудааст.

Тадқиқоти диссертатсионии мазкур хусусияти маҷмуӣ дошта, ҳамчунин заҳмати ҷамъбастшудае мебошад, ки дар он проблемаҳои консептуалии рушди муосири вазъи маъмурию ҳуқуқии Агентӣ ҳамчун мақомоти давлатии дорои ваколатҳои давлатию ҳокимиятӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Навгонии илмии таҳқиқот инчунин аз нуктаҳои зерини ба ҳимоя пешниҳодшаванда иборат мебошад:

**I. Пешниҳодҳои хусусияти назариявидошта:**

1) Консепсияи муқаррар намудани маҳфуми вазъи маъмурию ҳуқуқии Агентӣ дар диссертатсия ба мавқеъҳои ҳуқуқии зерин асос ёфтааст: 1) аз рӯйи ҷойгоҳи Агентӣ дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, яъне ки он мақомоти ҳокимияти давлатӣ - мансубият ба ҳокимияти иҷроия бо доштани вазифаҳои ҳифзиҳуқуқӣ буда маъмурияти давлатиро таҷассум менамояд; 2) ҳуқуқ ва ухдадориҳои ӯ дар соҳаи идоракунии давлатӣ; 3) мавҷуд будани вазифаҳои ҳокимиятии иҷроиявию фармоишӣ; 4) муносибати он бо дигар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, мақомоти вай; 5) бо тартиби ташаккулёбӣ ва барҳамдиҳӣ; шашум бо тартиби таъйин ва аз вазифа сабукдуш намудани роҳбарияти олии мақомот; 7) масъулияти ин мақомот дар назди давлат .

Дар қаринаи ҷанбаҳои ҳуқуқии болозикр, муаллиф дефинитсияи зеринро пешниҳод менамояд: *Вазъи маъмурию ҳуқуқии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хосатан аз рӯйи ҷойгоҳи ӯ дар низоми ҳокимияти давлатии ҷумҳурӣ, таъйиноти вай, мақсад ва вазифаҳо, ваколатҳо ва салоҳиятҳо, комилҳуқуқии вай зимни амалисозии ваколатҳои худ ва ҳамкориҳои мутақобилаи ӯ бо дигар мақомоти ҳокимияти давлатии кишвар муқаррар карда шудааст.*

2) Хусусияти хоси шакли миллии мақомоти зиддикоррупсионӣ-Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия аз ҷониби муаллиф тавассути хусусияти дугунагии вазъи ҳуқуқии он-ҳамчун мақомоти назорати молиявӣ ва ҳифзиҳуқуқӣ баррасӣ гардидааст. Собит мешавад, ки хусусияти дугунаи вазъи маъмурию ҳуқуқии Агентӣ, ҳамчун назорати давлатии молиявӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳамчун шакли (модели) миллие, ки дар фазои давлатҳои наздики хориҷ ҳамтояш вуҷуд надорад, ба вай беназирӣ додааст. Ва ин ҳолат имкон медиҳад, то вазифаҳои (функсияҳои) ташкилию идоракунӣ, (санҷиш, тафтиш, мониторинг

ва ғ.) инчунин функсияҳои ҳифзиҳуқуқӣ (маъмурию салоҳиятнокӣ, таҳқиқотию тафтишотӣ ва чорабиниҳои фаврию ҷустуҷуӣ), ки тавассути фаъолияти фармоишию иҷроиявӣ дар шакли расмиётҳои маъмурӣ ва истеҳсолоти маъмурӣ (мурофиаи маъмурӣ) роҳандозӣ гардидааст, самаранок иҷро гарданд.

3) Дефинитсияи муаллифӣ оид ба фаъолияти ҳифзиҳуқуқии Агентӣ дар қаринаи тағйироти парадигмаи қонунгузории "мубориза бо коррупсия" ба "муқовимат бо коррупсия" (дар таҳр. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат бо коррупсия" аз 07.08.2020, "1714) ифода ёфтааст.

*Зери мафҳуми фаъолияти ҳифзиҳуқуқии Агентӣ мебояд фаъолияти анҷомдодаи Агентӣ бо мақсади пешгирӣ, ошкоркунӣ, кушодан, таҳқиқ ва тафтиши ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, ба ҷавобгарӣ кашидани субъектҳои ҳуқуқвайронкунии ба коррупсия алоқамандбуда, бартарафсозии сабаб ва шароитҳои бавуҷудоварндаи паёмадҳои коррупсионӣ, шаклу усулҳое, ки ба мақсадҳо, вазифаҳо ва функсияҳои Агентӣ бештар мувофиқанд, фаҳмида шавад.*

**II. Пешниҳодҳое, ки ба такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нигаронида шудаанд**:

4) Тибқи қонунгузории миллӣ Агентӣ ҳамчун мақомоти марказии идоракунии давлатии дорои хусусияти байнисоҳавӣ бо функсияҳои ҳифзиҳуқуқӣ ба монанди КДАМ, ВКД ва АНМН-и Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст. Муаллиф собит менамояд, ки чунин вазъ бо асосҳои ҳуқуқии зерин тасдиқ мешаванд: а) Агентӣ мақомоте мебошад, ки бевосита ба Президенти ҶТ (Роҳбари давлат ва Раиси Ҳукумат); б) Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи он Агентӣ ба низоми ҳокимияти иҷроия ворид гардидааст, "Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ном дошта, аз ин лиҳоз ҷойгоҳи Агентӣ дар сохтори ҳокимияти иҷроияи кишвар маълум аст; в) таҳлили ваколатҳои Агентӣ, ки дар Низомнома ва қонун дар бораи он оварда шудааст, собит менамоянд, ки функсияҳои назоратию идоракунӣ, фармоишию иҷроия ва ҳифзиҳуқуқии Агентӣ мутаносибан ба таври кофӣ ва мушаххас масъалаҳои баррасишавандаро дар мавриди ҳар ду самти фаъолияти Агентӣ ба танзим даровардааст.

5) Зимни таҳлили, қ.1 моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат бо коррупсия" муаллиф қайд менамояд, ки ваколатҳои дар он зикргардидаи Агентӣ функсияҳои ташаккули ҳуқуқии идоракунӣ буда, хусусияти байниидоравӣ доранд. Дар онҳо чунин тадбирҳои ташкилию ҳуқуқӣ муқаррар карда шудаанд: роҳбарии методӣ, баҳо додан ва таҳлили натиҷаҳо; кори таҳлилӣ ва мониторинг. Ҳамин тариқ, мақоми

маъмурӣ-ҳуқуқии Агентӣ дар меъёри мазкур тавассути чунин шаклҳои фаъолият ифода меёбад: ташкилӣ, методӣ, баҳодиҳӣ (аз ҷумла таҳлили маълумот, натиҷаҳо ва ғайра).

6) Риояи ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон дар фаъолияти Агентӣ мақоми махсусро доро мбошад, зеро зимни амалисозии ваколатҳои худ Агентӣ метавонад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон-шаҳрвандро бо роҳҳои қонун иҷозатдода маҳдуд намояд. (б.5 м.5 ҚҶТ "Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ") Аз ин лиҳоз, диссертант пешниҳод менамояд, то дар ҳолатҳои зарурӣ, зимни амалисозии чораҳои маҳдудкунанда ба уҳдадориҳои кормандони Агентӣ масалан, расонидани ёрии тодухтурӣ, бартараф кардани тамоми хатарҳо, ки ба ҳаёт, саломатӣ ё амволи шахсоне, ки нисбати онҳо чораҳои маҳдудсозӣ раво дониста шудааст, таҳдид менамояд, ворид карда шавад. Яъне бо қонунгузорӣ мустаҳкам намудани ҳолати монанд, чуноне, ки Агентӣ ҳуқуқ надорад бе розигии шахс маълумотҳоро нисбати ҳаёти шахсии ӯ ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, истифода ва паҳн намояд. (б.4 м.5 ҚҶТ "Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ")

7) Амалисозии кори таҳлилӣ ва мониторинги ҳолати муқовимат бо коррупсия яке аз қисматҳои муҳими фаъолияти ташкилию идоракунии Агентӣ, ки ба пешгирии коррупсия нигаронида шудааст, маҳсуб меёбад. Самти махсуси гузаронидани мониторинг аз ҷониби Агентӣ, аз ҷумла пешбинӣ менамояд: 1) таҳлили қонунгузории амалкунанда ба предмети ошкоркунии камбудиҳо, ки ба технологияҳои коррупсионӣ мусоидат намудааст; 2) ҷамъоварӣ ва таҳлили муроҷиати шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, ки ба мақомоти болозикр қабул мешаванд; 3) таҳлил ва баҳодиҳии маълумот дар бораи технологияҳои коррупсионӣ, ки дар доираи парвандаҳои ҷиноятӣ ё, ки баррасии парвандаҳо оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ предмети тафтишот мешаванд. Дар баробари ин қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Агентӣ ва Низомномаи он, чунин ҳолатро барои Агентӣ пешбинӣ накардааст ва дар робита ба ин, муаллиф пешниҳод менамояд, ки моддаи 18-и Қонуни ҶТ "Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ" бо меъёри уҳдадоркунанда, ки Агентӣ (ҳар семоҳа, солона) мониторинги зиддикоррупсиониро (аз руйи ҳамаи самтҳои болозикр) гузаронида, натиҷаҳои онро ба мақомоти дахлдори давлатӣ ва ҷамъиятӣ барои баррасӣ ва чораҷӯӣ манзур менамояд, илова гардад. Ҳамзамон диссертант пешниҳод менамояд, то ба фаъолияти ҳуқуқтатбиққунандаи ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии

шаҳраку деҳот усулҳои назорат, ки ба пешгирӣ ва барҳамдиҳии таҷрибаи коррупсионӣ мусоидат менамоянд, коркард ва ворид карда шавад.

8) Муҳимияти масъалаи ворид намудани маҳфуми *“назорат”* ба гардиши қонунгузории низоми ҳуқуқии миллӣ бо он ифода меёбад, ки дар қонунгузории аксарияти кишварҳои хориҷӣ контрол (форсӣ- “кунтрул”) ва назорат (контрол и надзор) ба сифати маҳфуми мустақил истифода бурда мешаванд. Аммо дар забони тоҷикӣ ҳардуи ин маҳфумҳо дар як калима “назорат ” фаро гирифта мешаванд, ки маънои назоратро таҳриф менамояд. Бо инобати аҳамияти муҳим доштани маҳфуми “назорат” дар муқаррар намудани вазъи ҳуқуқии Агентӣ, инчунин мақсадҳои функсионалии он иборат аз: иттилоотӣ, пешгирӣ-ҷилавгирӣ ва барқарорнамоӣ-таҳриркунонӣ, ки истилоҳи *“назорат”*-ро махсус мегардонад, муаллиф пешниҳод менамояд, ки истилоҳи *“назорат”* дар қонунгузории миллӣ (дар забони давлатӣ) бо маънои худаш имплементатсия карда шавад.

**III. Пешниҳодҳои хусусияти амалидошта:**

9) Муаллиф изҳор менамояд, ки зиёдшавии қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ масъалаи гузаронидани ташхиси зиддикоррупсионии санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳоро аз тарафи Агентӣ, мубрамтар менамояд. Аз ин лиҳоз, фаъолият оид ба ошкоркунӣ, таҳлил ва баҳогузорӣ ҷиҳати омодасозии пешниҳодҳои асоснокшуда оид ба бартараф намудани омилҳои коррупсиогенӣ, ки дар м.5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ” номбар гардидааст, гузаронидани ташхис барои нозири раёсати экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Агентӣ, ки ягон дараҷаи илмӣ надорад, хеле мураккаб ва дорои хусусияти илмӣ-таҳқиқотӣ мебошад. Тибқи талаботи б.8, моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” бошад, ҷиҳати гузаронидани экспертизаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва дар онҳо ошкор намудани омилҳои ба вуҷудоварандаи коррупсия, мавҷуд будани воҳиди илмӣ-ташхисӣро пешбинӣ кардааст. Бо назардошти ин меъёрҳо диссертант пешниҳод менамояд, ки масъалаи талаботи тахассусӣ ва маълумотнокӣ нисбати довталабон ба мансаби нозири Раёсати экспертизаи СМҲ-и Агентӣ бо қонунгузорӣ мустаҳкам гардида, нисбати аъзои Шурои илмӣ-ташхисии

назди Агентӣ талаботи доштани унвони илмии номзад ва ё доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба роҳ монда шавад.

10) Дар қаринаи чорабиниҳо оид ба такмили низоми мақомоти бо коррупсия муқовиматкунанда ҷиҳати супоридани ваколатҳо оид ба назорати давлатии молиявӣ аз Агентӣ ба Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба ин васила таъмин намудани шафофияти функсионалӣ ва маҳсурияти институтсионалӣ (ҷудокунӣ) хулосаронии асоснок карда шудааст.

11) Дар робита ба мубрамияти парадигмаи “муқовимат бо коррупсия” муаллиф пешниҳод менамояд, ки мақомоти баррасишавандаи зидди-коррупсионӣ Агентии муқовимат бо коррупсия номгузорӣ карда шавад. Қайд кардан зарур аст, ки ба ин васила мушахассоти унвонии номгузорӣ пурра бо ҳадаф ва вазифаҳои дар назди Агентӣ ҳамчун мақомоти махсусгардонидашуда, субъекти бевоситаи муқовимат бо корупсия гузошташуда таъмин мегардад ва ин ҳолат пурра ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо коррупсия» аз 07-августи соли 2020, №1714, ки дар он Агентӣ ҳамчун мақомоти истисноии мубориза бо коррупсия эътироф шудааст, мувофиқат менамояд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқ аз рӯи мубрамият ва навгонии масъалаҳои гузошташуда ва ҳалшудаи ҳуқуқӣ, ки дар рисола оварда шудааст муқаррар мегардад. Ҳолат ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия оварда шудааст, метавонанд барои ҷустуҷӯи минбаъдаи илмӣ ва рушди назарияи ҳуқуқи маъмурӣ ва мурофиаи маъмурӣ хизмат намоянд. Ҳолатҳои пешбиникардаи назариявӣ ва дар асоси онҳо манзур намудани хулосаю тавсияҳо, метавонанд дар такомули илми ҳуқуқи маъмурӣ ва мурофиаи маъмурӣ мусоидат намуда, дар ҷараёни омодасозӣ ва мукаммалсозии санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи фаъолияти қонунгузории маъмурӣ ва мурофиавӣ-маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шаванд.

**Аҳамияти амалӣ.** Натиҷаҳои тадқиқот татбиқи амалии худро дар чунин ҳолатҳо меёбанд:

- дар таҳлили нақш ва ҷойгоҳи Агентии зиддикорупсионӣ дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар механизми батанзимдарории муносибатҳо оид ба назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва дар шароити тақвияти муносибатҳои давлат бо иқтисоди бозаргонӣ. Таҳлили болозикр зоҳир намудан ва баррасии функсияҳои асосӣ, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳое, ки дар ин шароит бояд ба зиммаи Агентӣ вогузор гардида бошад, инчунин асосноккуниро аз дидгоҳи назарияи идоракунии муносиби ташкилии

сохтори мақомот ва низоми идоракунӣ, инчунин дигар алоқаҳоро миёни воҳидҳои сохтории он таҷассум намудааст. Дар асоси таҳлили гузаронидашуда шакли (модели) илмии мақомоти зиддикоррупсионӣ силсилабандӣ мегардад:

- зимни баррасии ҷанбаҳои таҷрибавии фаъолияти Агентӣ, чи оид ба назорати давлатии молиявӣ ва чи оид ба мубориза бо коррупсия, ки проблемаҳои воқеии амалисозии сиёсати зиддикоррупсионии давлат, ки дар нақшаи назариявӣ зоҳир нестанд, ошкор намудани онро имкон дорад. Чунин таҳлил имкон медиҳад, ки ин шакл (модел) аз рӯи воқеияте, ки дар асл мавҷуд аст, тасҳеҳ дода шавад.

Дар маҷмӯъ, баррасии пурраи вазъи маъмурию ҳуқуқии Агентӣ имкон медиҳад, то вобаста ба ҳолати кунунии амалисозии фаъолияти низоми миллии муосири механизми зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳодҳои асоснок оид ба такмили он , иттилооти пурра ва воқеъбинона дастрас гардад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ ба таҳлили воқеъбинона ҳаматарафаи таҳқиқи ҷойдоштаи назариявӣ ва методологии паҳлуҳои гкногуни мавзӯи диссертатсия, мураттабсозӣ ва таҳлили натиҷаҳои дар илм пазируфташуда, маҳфумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуқтаҳои илмии таҳқиқ ва навгонии онҳо дар муқоиса бо натиҷаҳои дар илм ҷойдошта, таҳқиқи ҳолати кунунӣ ва роҳҳои такмил додани вазъи маъмурию ҳуқуқии мақомоти зиддикоррупсионии кишвар тасдиқи худро ёфтааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия мазкур ба шиносномаи ихтисоси илмии тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; мурофиаи маъмурӣ мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Саҳми шахсии унвонҷӯ дар он арзёбӣ мегардад, ки бори нахуст дар илми муосири ватанӣ тадқиқот ба мавзӯи ворид намудани тағйирот ба самтҳои асосии ҳуқуқи маъмурӣ нигаронида шудааст ва муаллиф мавқеи худро вобаста ба вазъи маъмурию ҳуқуқӣ, сохтор ва ташкили фаъолияти шакли миллии мақомоти зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок кардааст. Ҳолати ҷойдошта зарурати асосноккунии пешомадаро ҷиҳати гузаронидани ислоҳоти ҳуқуқӣ ва таъмини шаффофияти функсионалӣ, ҷудокунии мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мақомоти махсусгардонидашудаи муқовимат ва мубориза бо коррупсияро тақвият мебахшад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Ҳолатҳо ва хулосаҳои асосӣ, ки аз ҷониби муаллиф дар рисола оварда шудаанд, аслан, дар мақолаҳои чопшуда, баромадҳои илмӣ ва иттилоотҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ифода ёфтаанд. Маводҳои алоҳидаи рисола дар таҷрибаи амалии муаллиф зимни ифои вазифа дар Раёсати ташкилию нозиротии Агентӣ (Ситоди АНДМ ва МК ҶТ) инчунин ҳангоми иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқиотии муштарак дар доираи лоиҳаи тадқиқоти илмии Шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ истифода гардидааст.

Ҳамчунин натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ ва ҳолатҳои ҷудогонаи он дар конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дарҷ гардидаанд:

- "Истиқлолияти давлатӣ – таҳкимгари низоми давлатдории миллӣ", мавзӯи маърӯза "Асосҳои ташкилию ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (ВМКБ, Авҷ, 10-12 августи с. 2016);
- "Механизмҳои ҳуқуқӣ – оммавӣ дар таъмини рушди ҷомеа", мавзӯи маърӯза "Административно-правовой статус Агентства по государственному финансовому контролю и борьбы с коррупцией Республики Таджикистан" (Москва, РУДН, 7 апрели соли 2017);
- "Ҳуқуқ ва иқтисодиёт: масъалаҳои ҳуқуқии иқтисодиёти рақамӣ", мавзӯи маърӯза "Ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бо коррупсия" (Душанбе, 28 майи соли 2021);
- "Масъалаҳои мубрами рушди давлатдорӣ ва ҳуқуқи оммавӣ", мавзӯи маърӯза "Проблемы разграничения полномочий антикоррупционного ведомства и Счетной палаты Республики Таджикистан" (Россия, ш. Санкт-Петербург, 7 октябри соли 2022).

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Хулосаҳои асосии таҳқиқ аз ҷониби муаллиф дар 11 таълифот, ки 3-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 монография, 2 монографияи коллективӣ ба табъ расонида шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** аз рӯи ҳадафҳои тарҳрезишуда, предмет ва объекти таҳқиқот муқаррар мегардад. Рисола аз рӯйи сохтор муқаддима, 3 боб ва 8 зербобро дар бар гирифта, дорои хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо мебошад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ (ФИШУРДА)

Дар **муқаддима** мубрамият ва сабабҳои интихоби мавзӯи диссертатсия асоснок гардида, сатҳи тадқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқ, асосҳои методологӣ, назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии хулоса ва пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда муайян карда шудаанд.

**Боби якуми** диссертатсия – **“Ҷойгоҳи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар низоми мақомоти ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон”** ном дошта, аз се параграф иборат аст.

Дар **параграфи якум – “Шартҳои мутақаддими ҳуқуқӣ ва зарурияти таъсиси мақомоти махсусгардонидашудаи зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”–** масъалаҳои зарурияти таъсиси мақомоти махсусгардонидашудаи зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъминоти қонунгузории он мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Қайд карда шудааст, ки коррупсия яке аз монеаҳои назаррас дар роҳи рушду нумуи иқтисодии дилхоҳ давлат мебошад. Сабаби асосии таъсиси мақомоти зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудияти на танҳо проблемаи тезу тунд ва мушаххаси паҳншавии ҳамагири коррупсия дар қаламрави Тоҷикистон, балки таҳдидҳои садамавии он ба иқтисодиёти кишвар, таъсиргузории он ба коҳиш ёфтани некуаҳволии аҳолӣ, зуруратро ҷиҳати созмон додани идораи марказонидашуда ва махсусгардонидашудаи муқовимат бо коррупсияро ба миён овард.

Тибқи ақидаи муҳаққиқони зиёд, як қатор сабабҳои таъсис додани институти (мақомоти) махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия, ки фаъолияти онҳо аз мубориза бо коррупсия иборат аст, мавҷуд мебошанд. Мо ин сабабҳоро вобаста ба муҳиммияти онҳо ҷойгузорӣ намудем: ***якум***, худи мақомот набояд ба ҷараёнҳои коррупсионӣ ворид карда шавад, ё ки бо парвандаҳои ҷиноятии дорои хусусияти сиёсӣ доғдор гардад; ***дуюм,*** масъалаи ҳамоҳангсозии мақомот ва кушишҳои пароканда оид ба мубориза бо коррупсия тавассути роҳҳои якҷояшавии (баҳамойии) амудӣ ҳалли худро меёбад; ***сеюм,*** Мақомоти махсусгардонидашуда тамоми иттилоотро оид ба ҳолати коррупсия дар кишвар ҷамъоварӣ намуда, дар саргаҳи ҳаракати зиддикоррупсионӣ қарор мегирад; ***чорум***, мақомоти бо коррупсия муқовиматкунанда дастурҳои методӣ, стандартҳои ягона ва сиёсати ягона оид ба пешгирӣ ва ҷилавгирӣ аз коррупсия, ки аз ҷониби Агентӣ коркард мешаванд ва ин мақомот уҳдадор аст, то сариваќт ва самаранок тамоми вазифаҳои зиддикоррупсиони бо қонун ба зиммааш гузошташударо иҷро намояд, ба роҳбарӣ мегиранд;[33] ***панҷум***, он мақомоте бошад, ки барои амалисозии сиёсати зиддикоррупсионии давлат ҷавоб гуфта оид ба ҳолати корррупсия дар кишвар дар назди Президент ва ҳукумат масъул мебошад.

Баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ бо мақсади тақвияти базаи ҳуқуқӣ ва сиёсати зиддикоррупсионии кишвар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қабули қонунҳое, ки ба мубориза бо коррупсия нигаронида шудаанд, шуруъ кард. Бо қабул гардидани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-июли соли 1999 №1262 “Дар

---

[33] Антикоррупционные реформы в Таджикистане. 3 раунд мониторинга Стамбульского плана действий по борьбе с коррупцией. Отчет от 18 апреля 2014 г. [Текст] / В кн.: Сеть по борьбе с коррупцией для стран Восточной Европы и Центральной Азии. ОЭСР-2014.

бораи чораҳои иловагӣ оид ба тақвияти мубориза бо ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисодиёт ва коррупсия (порахурӣ)” ба фаъолияти азнавкунии қонунгузорӣ шуруъ карда шуд ва аллакай 25.07.2005 аз ҷониби Парламенти кишвар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бо коррупсия” қабул карда шуд.

Мутобиқи низоми конститутсионӣ-ҳуқуқӣ санадҳои ҳуқуқии байналмиллалие, ки Тоҷиикстон онҳоро эътироф намудааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии кишвар маҳсуб меёбанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 26-сентябри соли 2006 Конвенсияи СММ зидди коррупсияро аз 31-октябри соли 2003 ба имзо расонида, 16-апрели соли 2008 Парламенти кишвар онро ба тасвиб расонид, ки ин ҳолат ҳамчун асоси ташкилию ҳуқуқӣ ба таъсисёбии институти ҷадиди зиддикоррупсионии ҳуқуқӣ поя гузошт. Тибқи талаботи б.1 м.6 ин Конвенсия ҳар як давлати иштирокчӣ уҳдадор буд: а) коркард ва амалисозии сиёсати самаранок ва ҳамоҳангсози муқовимат бо коррупсияро анҷом диҳад, идоракунии муносиброаз болои корҳои оммавӣ ва амволи оммавӣ , софдилона ва содиқона, шаффоф ва масъулиятнок ташкил намояд: б) ҷиҳати паҳн кардани донишҳо оид ба пешгирии коррупсия кушиш намояд.

Дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Конвенсияи болозикр ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии байналмиллалӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 10-январи соли 2007 ба имзо расонидани Фармонро дар бораи таъсис додани Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ба мақсад мувофиқ донист. Дар м.5-уми ин Фармон дар бораи хусусияти дугуна доштани вазъи ҳуқуқии Агентӣ дарҷ гардидааст, ки он мақомоти ваколатдори назорати молиявӣ (яъне мақомоти идоракунии давлатӣ) ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Аз ҳамин давра шуруъ намуда мутобиқ ба стандартҳои байналмиллалӣ заминаи миллии қонунгузории зиддикоррупсионӣ, ки аз қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: “Дар бораи мубориза бо коррупсия” аз 25.07.2005, №100; “Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 20.03.2008, №374; “Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ” аз 28.12.2012, №925; “Дар бораи муқовимат бо коррупсия” аз 07.08.2020 ва ғайра иборат мебошад, ташаккул ёфт. Рушди минбаъдаи қонунгузории зиддикоррупсионии Тоҷикистон ба қабули Стратегияи мубориза бо коррупсия барои солҳои 2008-2012 ва Стратегияи муқовимат бо коррупсия барои солҳои 2013-2020 иртибот дорад.

Таъйид гардидааст, ки маҳфуми мақоми маъмурию ҳуқуқии Агентӣ бо ҷойгоҳи ӯ дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ муайян карда шудааст, яъне, бо он ки вай ҳамчун мақомоти ҳокимияти давлатӣ (ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо функсияҳои ҳифзиҳуқуқӣ дохил мебошад) ва маъмурияти давлатиро дар худ таҷассум менамояд; дар соҳаи идоракунии давлатӣ ҳуқуқ ва вазифаҳои худро дорад; функсияҳои ҳокимиятии амрдиҳию иҷроияавиро доро мебошад; бо тартиби таъсисёбӣ

ва бархамхурӣ; бо тартиби таъйин ва аз вазифа озод намудани роҳбарияти олии он, инчунин масъулияти мақомот дар назди давлат.

Параграфи дуюм – **«Мазмуни вазъи маъмурию ҳуқуқии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дошта, дар он қайд карда мешавад, ки маҳфуми вазъи (мақоми) ҳуқуқии мақомоти идоракунии давлатӣ мувофиқи нуқтаи назари илмии эътирофшуда аз руи ҳуқуқҳои дохилӣ ва берунии вай, уҳдадориҳо, ки ба он дохил мешаванд, инҳоянд: мавҷудияти салоҳиятнокӣ; баромад намудан аз номи давлат; доро будан ба қобилияти соҳибҳуқуқӣ, ки аз лаҳзаи таъсисёбиаш ба миён омадааст; қабл аз ҳама бо функсияҳои ҳуқуқтатбиқкунандааш тавсиф мешавад; ба ғояҳои иттиҳодиявӣ асос ёфтааст, зеро шахси мансабдори боломақом болои шахси мақомаш поёнтар дар доираи салоҳиятнокии худ таъсиррасонии бо қонун пешбинишударо дорад; воҳиди ташкилотии дастгоҳи давлатӣ мебошад; дар ҷараёни амалисозии салоҳияти худ метавонад санадҳои меъёриро қабул намояд.

Сохтори вазъи ҳуқуқӣ бошад аз қобилияти соҳибҳуқуқӣ ва мукаллафӣ, яъне ҳуқуқ, манфиатҳои қонунӣ ва уҳдадориҳои мақомот иборат мебошад. Аз ин ҷо бармеояд, ки вазъи маъмурию ҳуқуқии Агентӣ аз руйи ҳуқуқ ва уҳдадориҳое, ки ба ӯ ҳамчун субъекти ҳуқуқи маъмурӣ ва имкониятҳои фаровонро ҷиҳати ворид шудан ба муносибатҳои маъмурию ҳуқуқӣ дар доираи салоҳиятҳояш давлат додааст, муайян карда мешавад.

Рисоланавис иброз менамояд, ки мазмуни маъмурию ҳуқуқии мақоми Агентӣ дар ҷараёни амалисозии салоҳиятҳои вай (умумӣ ва махсус) ҳамчун мақомоти идоракунии дорои хусусияти байнисоҳавӣ ташаккул меёбад, тасдиқи худро ёфтааст. Чунончи, мутобиқи қонунгузорӣ барои иҷрои вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда, Агентӣ ҳуқуқ дорад, тафтишу санҷишҳоро гузаронида, инчунин санҷиши истифодаи самараноки маблағҳои давлатиро дар тамоми мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассиса ва корхонаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба салоҳиятҳои умумии мақомоти баррасишаванда дохил мешаванд, амалӣ намояд. Қайд кардан зарур аст, ки ваколатҳои ба худ хоси Агентӣ чи дар самти ташкилию амрдиҳӣ ва чи дар самти ба худ хоси функсионалию ҳифзиҳуқуқӣ дар Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи назорати давлатии молиявӣ” ва “Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия” мушаххас карда шудаанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат бо коррупсия” аз 07-августи соли 2020 асосҳои ташкилию ҳуқуқии муқовимат бо коррупсияро муайян намуда, он ба ҳимояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлату ҷамъият таъмини амнияти миллӣ, фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ ва беғаразӣ дар хизматӣ давлатӣ нигаронида шудааст. Дар муқаддимаи қонун оғози чорабиниҳои маъмурию ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия инъикос ёфтааст. Ба зиммаи Агентӣ ҳамчун субъекти асосии бевоситаи бо коррупсия муқовиматкунанда моддаи 9-уми қонуни болозикр чунин ваколатҳои

идоракуниро ба мисли: роҳандозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи муқовимат бо коррупсия; амалисозии муқовимат бо коррупсияро дар ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаю муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон вогузор намудааст. Гузашта аз ин роҳандозии ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои муқовимат бо коррупсия дар соҳаи муқовимат бо коррупсия; амалисозии кори таҳлилӣ ва мониторинги ҳолати муқовимат бо коррупсия ва манзури натиҷаҳои он ба мақомоти дахлдори давлатӣ ва ҷамъиятӣ ҷиҳати баррасӣ ва андешидани чораҳо; таҳлили хавфҳои коррупсионӣ дар ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ низ, ба зиммаи он вогузор карда шудааст.

Аз ин лиҳоз, Агентӣ мутобиқи мақсад, вазифаҳо ва функсияҳои тибқи қонунгузорӣ ба ӯ додашуда фаъолияти идоракунӣ ва ҳифзи ҳуқуқиро дар муқовимат бо коррупсия амалӣ менамояд, яъне фаъолияти он мазмуни маъмурию ҳуқуқиро, ки дар шакли амрдиҳӣ ва иҷроиш роҳандозӣ мегарданд, доро мебошад.

Дар параграфи *сеюм* «**Шакли институтсионалии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти зиддикоррупсионӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ**» қайд карда шудааст, ки шакли мақомоти зиддикоррупсионии Тоҷикистон дар худ беназир буда, хусусияти хосаш аз як тараф ҳамчун мақомоти институтсионалӣ, махсусгардонидашуда ва байниидоравии мубориза бо коррупсия тавсиф гардад, аз тарафи дигар, он мақомоти дорои функсияҳои амрдиҳию иҷроия ва ҳифзиҳуқуқӣ мебошад. Маҳз ҳамин шакли дугунаи мақомоти зиддикоррупсионӣ, яъне Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия аз рузи таъсисёбии худ то ҳол дар Тоҷикистон фаъолият дорад. Идораҳои махсусгардонидашудаи зиддикоррупсионӣ дар Сингапур аз соли 1950 ва дар Гонконг бошад, аз соли 1970 фаъолият доранд, ки шакли онҳо ҳамчун идораи бисёрҷанбаи мустақил ва самараноки мубориза бо коррупсия арзёбӣ мегардад.

Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ба масъалаҳои мубориза бо коррупсия диққати махсус дода шуда, қайд карда мешавад, ки масъалаҳои коррупсия ва мубориза бо ин зуҳурот яке аз мубрамтарин масоили ҷомеа буда, он ҷиҳати таъмини самаранокии фаъолияти тамоми низоми идоракунии давлатӣ, обрую эътибори ҳокимияти давлатӣ дар ташаккулёбӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва институтҳои он ба ҳисоб меравад. Дар Ҷумҳурии Қазоқистон аз соли 2019 Агентии муқовимат бо коррупсия фаъолият намуда истодааст, ки он тибқи қонунгузории ин кишвар ҳамчун мақомоти махсусгардонидашудаи зиддикоррупсионии институтсионалӣ маҳсуб ёфта, Хадамоти зиддикоррупсионӣ номгузорӣ гардидааст. Хусусияти ҷанбавии шакли идораи зиддикоррупсионии қазоқистонӣ дар он ифода меёбад, ки салоҳиятнокӣ ва ваколатҳои

мақомоти баррасишаванда дар алоҳидагӣ ва мушаххас тибқи қонунгузорӣ нишон дода шуда, дар он гуфта мешавад, ки зери маҳфуми салоҳиятнокӣ функсияҳо ва зери маҳфуми ваколатҳо роҳандозии ин функсияҳо дар назар дошта шудааст.

Дар Низомномаи Агентии Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба муқовимат бо коррупсия (Хадамоти зиддикоррупсионӣ), аз 22-июли соли 2019, №74 хусусияти ҳифзиҳуқуқии Агентӣ бевосита нишон дода нашудааст, аммо он аз мазмуни меъёри б.1. м.1 Низомномаи болозикр бармеояд, ки Агентӣ мақомоти муқовимат бо коррупсия буда, бевосита ба Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад, ташаккул ва амалисозии сиёсати зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Қазоқистон ва ҳамоҳангсозиро дар соҳаи муқовимат бо коррупсия, инчунин ошкоркунӣ, ҷилавгирӣ, кушодан ва тафтиши ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсиониро анҷом медиҳад. Мутобиқи талаботи қонунгузории кишвар Агентии Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба муқовимат бо коррупсия, ин мақомоти махсусгардонидашуда, бисёрҷанбаи ҳифзи ҳуқуқи дорои ваколатҳо ва функсияҳои байнисоҳавии амрдиҳию иҷроиявӣ мебошад.

Дар Ҷумҳурии Узбекистон низ Агентӣ оид ба муқовимат бо коррупсия таъсис дода шудааст, ки фаъолияти он дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Узбекистон “Дар бораи муқовимат бо коррупсия” аз 14-октябри соли 2016 ба танзим дароварда шудааст. Қайд кардан зарур аст, ки дар асоси қонуни болозикр Барномаи давлатӣ оид ба муқовимат бо коррупсия аз 3-январи соли 2017 қабул карда шудааст. Дар баробари ин, мубориза бо коррупсияро дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Узбекистон низ анҷом медиҳанд. Ба ғайр аз ин, дар асоси қонунгузории ин кишвар Президент Комиссияи байниидоравии ҷумҳуриявиро оид ба муқовимат бо коррупсия таъсис медиҳад, ки он вазифаҳои худро дар асоси Низомномаи ин Комиссия роҳандозӣ менамояд. Қонуни Ҷумҳурии Узбекистон “Дар бораи муқовимат бо коррупсия” ва Низомномаи Комиссияи байниидоравии ҷумҳуриявӣ бозгӯи он аст, ки дар Ҷумҳурии Узбекистон шакли дугунаи худии механизми зиддикоррупсионӣ, ки он дорои функсияҳои ҳифзиҳуқуқӣ ва ташкилию идоракунӣ мебошад, таъсис дода шудааст.

Хусусияти ба худ хос доштани шакли Агентии муқовимат бо коррупсияи Ҷумҳурии Узбекистон дар он ифода мегардад, ки вай мақомоти ҳифзи ҳуқуқ намебошад, гарчанде аз ваколатҳои он, ки аз Фармони таъсисёбии мақомот бармеояд, дар вазъи ҳуқуқии он инчунин унсурҳои ҳифзиҳуқуқӣ мушоҳида мешавад. Ба вазифаҳои асосии Агентӣ тибқи Фармон гузаронидани таҳлили маҷмӯии натиҷаҳои тафтиши ҷиноятҳои коррупсионӣ , дар мадди аввал ҷиноятҳое, ки ба манфиатҳои миллӣ ва обрую эътибори Ҷумҳурии Узбекистон дар арсаи байналмиллалӣ зиён меоварад, инчунин роҳандозии назорат аз болои ҷораёни пурра барқарор намудани зарари ба манфиати давлат ва ҷамъият, ки дар натиҷаи ҷиноятҳои коррупсионӣ расонида шудааст дохил мешаванд. Худи Агентӣ бошад, тафтиши парвандаҳои ҷиноятиро анҷом намедиҳад.

Дар баробари ин, ҳуқуқи баҳогузорӣ ба натиҷаи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба муқовимат бо коррупсия, ҳамон тавре ки муаллиф иброз медорад, худаш вазифаи ҳифзиҳуқуқӣ дорад.

Дар Ҷумҳурии Қирғизистон бо Фармони Президент аз 14-декабри соли 2011 Хадамоти зиддикоррупсионии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Қирғизистон (ХЗК КДАМ) таъсис дода шудааст, ки фаъолияти он ба пешгирӣ, ошкоркунӣ ва ҷилавгирӣ аз коррупсия яъне фаъолияти ҳифзиҳуқуқӣ, нигаронида шудааст. Дар соли 2012 Хадамоти давлатӣ оид ба мубориза бо ҷиноятҳои иқтисодӣ назди Ҳукумати ҶҚ таъсис дода шуд, ки он ҳам функсияҳои зиддикоррупсиониро анҷом медиҳад. Хадамоти давлатии иктишофи молиявии (фин.разведка) назди Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон инчунин ба фаъолияти зиддикоррупсионӣ машғул аст. Чунин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Қирғизистон ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ба муқовимат бо коррупсия машғул мебошанд. Ба ғайр аз ин, дар ҶҚ институти ваколатдор оид ба масъалаҳои пешгирии коррупсия дар мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии Ҷумҳурии Қирғизистон амал мекунад ва он дар асоси Низомномаи Намунавӣ, ки бо Қарори Ҳукумати ҶҚ аз 16-сентябри соли 2015 №642 тасдиқ шудааст, ба ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ оид ба татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи муқовимат бо коррупсия машғул буда, пешниҳодҳоро ҷиҳати роҳандозии чораҳои муқовимат бо коррупсия коркард ва манзур менамояд.

Дар натиҷаи таҳлили шаклҳои институтсионалии хориҷии мақомоти махсусгардонидашудаи зиддикоррупсионӣ муаллиф изҳор менамояд, ки дилхоҳ шакл метавонад муваффақона фаъолият намояд, агар ба ин самт иродаи сиёсии роҳбарияти кишвар равона шуда бошад, агар он ба низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ дароварда шавад ва мақомоти идоракунӣ ҷиҳати фаъолияти самараноки он шароитҳои муносибро фароҳам созанд. Зимни муқоиса намудани сифатҳои тавсифшавандаи мақомоти зиддикоррупсионии кишварҳои баррасишуда муайян карда шуд, ки шакли ҳаммонанди мутлақ вуҷуд надорад. Дар шакли Агентии муқовимат бо коррупсияи Ҷумҳурии Қазоқистон баъзан монандиҳо бо мақомоти зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида мешаванд. Хусусияти шакли тоҷикистонии мақомоти зиддикоррупсионӣ бо он тасдиқ мегардад, ки он дорои функсияҳое чун ташкилию идоракунӣ, байниидоравӣ, назоратӣ оид ба истифодаи мақсаднок ва самараноки маблағҳои буҷети давлатӣ ва мақомоти мақсадноки махсусгардонидашудаи ҳифзи ҳуқуқи мубориза бо коррупсия мебошад.

***Боби дуюми*** рисола – **"Ваколатҳои мақомоти зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон:- хусусиятҳо ва проблемаҳои татбиқкунии онҳо"** унвон дошта аз 3 параграф иборат аст, ки дар онҳо ҳолати умумӣ ва масъалаҳои амалисозии ваколатҳои Агентӣ баррасӣ карда шудаанд. Функсияҳои ташкилию амрдиҳӣ, иҷроиявию назоратӣ ва маҳфуми

ҳифзиҳуқуқии Агентӣ тавассути роҳандозии функсияҳои ҳифзиҳуқуқии он дар алоҳидагӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар параграфи ***якум – “Тавсифи умумии ваколатҳои Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва проблемаҳои татбиқкунии онҳо”*** – қайд гардидааст, ки дилхоҳ мақомоти давлатӣ ҷиҳати иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошташуда бояд дорои ваколатҳои муайян бошад. Мақомоти зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои ваколатҳое мебошад, ки онҳо ҳамчун функсияҳои мушаххаси умумии идоракунӣ, инчунин функсияҳои махсус тавсиф шуда, нисбати намудҳои мустақили фаъолияти идоракунӣ татбиқ карда мешаванд.

Асосноккуниҳои назариявӣ ва консептуалии функсия ва ваколатҳои Агентӣ ҳамчун мақомоти идоракунии давлатии назоратию санҷишӣ ва таъиноти ҳифзиҳуқуқӣ ба таври муфассал баррасӣ карда шудааст. Масалан, зимни баррасии маҳфуми “ваколатҳо” муаллиф мавқеи консептуалии худро пешниҳод намудааст, ки ваколат “полномочия” аз решаи калимаи русӣ гирифта шуда, маъноаш “полно” ва “мочь” мебошад, яъне “ҳаҷми имкониятҳо” ва “тавонистан”, ки қонунгузор навиштааст. Сипас муаллиф таснифи ваколатҳои Агентиро медиҳад, ки онҳо иборатанд аз: а) ваколатҳое, ки аз меъёрҳои конститутсионӣ бармеоянд; б) ваколатҳое, ки бо қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд; в) ваколатҳое, ки бо санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии зерқонун муайян карда шудаанд. Ваколатҳои асосии Агентӣ ҷудо мешаванд ба: а) предметӣ (предмети пешбурд, доираи масъалаҳое, ки дар ҳадди салоҳиятҳо ҳал мешаванд); б) функсионалӣ (усулҳои ҳаракат ё таъсиррасонӣ, масалан тавассути фаъолияти фаврӣ-ҷустуҷӯӣ ва чорабиниҳои фаврӣ-ҷустуҷӯӣ); в) соҳавӣ (ваколатҳое, ки аз руи хусусиятҳои соҳавӣ татбиқ мегарданд). Ва ин ваколатҳо бо назардошти қувваи ҳуқуқӣ тақсим мешаванд ба: а) *ваколатҳои ҳокимиятӣ* - ин ваколатҳое мебошанд, ки дар асоси он корманди Агентӣ ҳуқуқ дорад талаб намояд (қ.2. м.23 ҚҶТ “Дар бораи АНДМ ва МК”); б) *ваколатҳои ҳокимиятии маҳдудшуда*; в) *ваколатҳои ғайриҳокимиятӣ*; ( ваколатҳо оид ба пешгирии коррупсия, чорабиниҳои иттилоотию таблиғотӣ).

Мавқеи муаллифии муайян кардани функсияҳои Агентӣ бо ҳолати м.1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат бо коррупсия” аз 07 августи соли 2020, №1714 асоснок карда шудааст, ки тибқи он функсияҳои мақомоти давлатӣ ҳамчун вазифаҳое маҳсуб меёбанд, ки ин вазифаҳо дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ваколатҳои давлат, мақомоти он ва шахсоне, ки вазифаҳои давлатиро иҷро менамоянд, муқаррар карда мешавад. Баъдан функсияҳои бо қонун муқарраршудаи Агентӣ номбар шуда инчунин ба камбудиҳои ин ва ё он меъёрҳои муқаррар намудаи функсияҳо, проблемаҳои амалисозии онҳо ва имконияти роҳҳои ҳалли онҳо ишора карда шудааст. Дар натиҷаи таҳлили ваколат ва функсияҳои Агентӣ дар бораи маҳфуми вазъи

маъмурию ҳуқуқии Агентӣ, ки ҷойгоҳи ӯро дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии ҷумҳурӣ муқаррар намудааст, инчунин оид ба таъинот, мақсад, вазифаҳо, ваколатҳо, функсияҳо ва салоҳияти он, соҳибихтиёрии мақомот зимни амалисозии ваколатҳо ва муносибатҳои мутақобилаи он бо дигар мақомоти ҳокимияти давлатии кишвар хулосаронӣ карда шудааст.

Дар параграфи *дуюм, ки* «**Функсияҳои ташкилӣ, амрдиҳӣ- иҷроиявӣ-назоратии мақомоти зиддикоррупсионӣ**» ном дорад, мазмуни шакл ва усулҳои роҳандозии ваколатҳои идоракунии Агентӣ, ки ба шарофати онҳо мақомоти зиддикоррупсионии кишвар ба маъмурикунонӣ машғул гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Қайд карда мешавад, ки вақте, ки таҳқиқ ба масъалаи вазъи маъмурию ҳуқуқии мақомот иртибот дорад, қабл аз ҳама бояд ҳолати дар кадом вазъ қарор доштани мақомот дар низоми ҳокимияти иҷроия ва кадом функсияи идоракунии давлатиро иҷро кардани он инъикос ёбад. Зимни ба таври муфассал баррасӣ намудани вазъи назариявӣ ва консептуалӣ дар бораи функсияҳо рисоланавис қайд менамояд, ки Агентӣ дар доираи салоҳияти худ дар амалисозии функсияҳои давлат ва дар навбати аввал функсияҳои таъмини қонуният, ҳифзи ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон иштирок менамояд. Аз ин бармеояд, ки функсияҳои Агентӣ аз функсияҳои давлатии болозикр гирифта шуда, бо функсияҳои муҳофизатӣ ва ҳимоявии ҳуқуқ алоқамандии зич дорад. Бо истинод ба суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, рисоланавис қайд менамояд, ки *контрол* ҳамчун функсияи асосии Агентӣ ва механизми батанзимдарории истифодабарии дуруст ва мақсадноки маблағҳои буҷетӣ, моликияти давлатӣ, таҳкими қонуният, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин манфиатҳои давлат ва ҷамъият хизмат менамояд. Зеро, ки мақсади олии (стратегии) ***контрол,*** ин таъмини самаранок, қонунӣ ва мақсадноки фаъолияти дастгоҳи давлатӣ оид ба идоракунии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ зимни риояи бечунучарои ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва ташкилотҳо арзёбӣ мешавад. Сипас муаллиф функсияҳои назоратии Агентиро баррасӣ намуда, таносуби ***контрол***-ро бо *назорат* ***(надзор)*** ҳамчун функсияҳои мустақили Агентӣ қиёс намуда, қайд менамояд, ки воқеан ***контрол*** – ҳамчун функсияи мустақили идоракунӣ ба таъминоти ҳуқуқӣ ва босифати роҳандозиии фаъолияти ҳокимияти давлатӣ ва ***назорат*** бошад, ҳамчун функсияи мустақили идоракунӣ ба таъминоти ҳуқуқӣ ва бехатарии ҳаёт ва фаъолияти хоҷагидории инсон дар соҳаҳои гуногуни моддию ҳуқуқии ҷамъият равона карда шудааст.

Мустақилияти ин функсияҳои Агентӣ аз руйи маънии сирф таҷрибавӣ низ, мушоҳида мешаванд, чунончи, зимни роҳандозии ***контрол*** Агентӣ метавонад ислоҳи камбудиҳоро талаб намояд ё ки ислоҳ намояд ва зимни ***назорат (надзор)*** бошад, ба мақомоти зери назорат буда тавсия медиҳад, ки камбудиҳоро худашон ислоҳ намоянд. Ба мустақилияти ин

функсияҳо нигоҳ накарда, ҳамон тавре ки муаллиф қайд менамояд, қонунгузории миллӣ зарурияти мушаххаскунии ин мафҳумҳоро зоҳир намудааст, чунки дар матни санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ бо забони давлатӣ ***контрол*** ва ***назорат*** бо як истилоҳ, яъне ***"назорат"*** *ном бурда шудаанд.* Асосноккунии таҷрибавии масъалаи фавқро баррасӣ намуда муаллиф пешниҳод менамояд, ки истилоҳи ***"назорат"*** дар имлои забони тоҷикӣ имплементатсия шуда, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба он мутобиқ карда шаванд. Контрол ҳамчун функсияи идоракунӣ ба Агентӣ имкон медиҳад , то иттилоотро оиди раванди расмиётҳои идоракунӣ мушоҳида , ошкор ва таҳлил намояд; номутобиқатӣ, қоидавайронкунӣ, инҳирофи талаботҳо, қабл аз ҳама меъёрҳои ҳуқуқию иҷтимоӣ, ҳадаф ва арзишҳо муайян намояд; ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо ё, ки тасҳеҳи худи меъёрҳо ва ҳадафҳо пешниҳод (дар ҳолатҳои зарурӣ талаб намояд) манзур намояд. Дар натиҷаи таҳқиқи функсияҳои контролию назоратии Агентӣ муаллиф пешниҳод менамояд, то санади меъёрию ҳуқуқии идоравӣ (Дастурамал, Низомнома ё, ки дигар ҳуҷҷати роҳнамоикунанда) оид ба контрол ва назорат дар низоми Агентӣ қабул карда шавад.

Параграфи ***сеюм*** **"Мафҳуми ҳифзиҳуқуқӣ- самти асосии фаъолияти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон"** номида шудааст ва он ба таҳқиқи функсияҳои ҳифзиҳуқуқии Агентӣ, ҳамчун самти асосии муқовимат бо коррупсия бахшида шудааст. Рисоланавис қайд менамояд, ки сатҳи ҷинояткорӣ, таҳкими унсурҳои ҷиноятии коррупсионӣ ва шабакаҳо ҷойгоҳ, нақш ва моҳияти фаъолияти ҳифзиҳуқуқии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таври назаррас мубрам намуд. Мазмуни ҳифзиҳуқуқии Агентӣ аз ҷониби муаллиф ҳамчун фаъолияте, ки *бо мақсади таъмини қонуният, ва тартиботи ҳуқуқӣ, ҳимояи сохти конститутсионии ҶТ, амалисозии функсияҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, моликият ва тартиботи ҷамъиятӣ аз суиқасдҳои ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои хусусияти коррупсионидошта, тавассути шаклу усулҳо, бештар мақсадҳои комилан мувофиқ, вазифаҳо ва функсияҳои ҳифзиҳуқуқии ба он хос роҳандозӣ гардидааст, муқаррар карда шудааст.*

Аз ҷумла қайд карда шудааст, ки мутобиқи м.7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат бо коррупсия" аз 07 августи соли 2020, Агентӣ субъекти асосии бевоситаи бо коррупсия муқовиматкунанда эътироф шудааст. Мафҳуми "муқовимат" тибқи қонуни мазкур - ҳамчун фаъолияти мақомот оид ба рафъ, ошкоркунӣ, кушодан тафтиш ва таъқиби ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, бартарафсозии сабаб ва паёмадҳои коррупсия ва ғайра, ки хоси Агентӣ мебошанд, дар Низомномаи ин мақомот ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия" дарҷ карда шудаанд. Ғайр аз ин, самтҳои асосии фаъолияти ҳифзиҳуқуқии Агентӣ дар Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Дар бораи мубориза бо коррупсия", "Дар бораи

экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ”, “Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ” ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ нишон дода шудаанд.

Бо ба инобат гирифтани аҳамияти ҳифзиҳуқуқии ба худ хоси Агентӣ дар роҳандозии вазифаҳои дар наздаш гузошташуда, адои хизмат дар воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ бо Низомномаи махсус “Дар бораи адои хизмат дар сохторҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13-майи соли 2008, №457 тасдиқ гардидааст, ба танзим дароварда шудааст. Бо мақсади баланд бардоштани ҳисси масъулиятшиносии кормандони ин сохторҳо Оинномаи интизомии кормандони воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ амал менамояд. Мутобиқ ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ” Агентӣ ҳамчун мақомоти ваколатдор дар доираи ваколатҳои худ санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки тартиб, ташкил ва усули гузаронидани чорабиниҳои фаврӣ-ҷустуҷӯӣ, ҳаракатҳои фаврӣ-ҷустуҷӯӣ, амалиётҳои маҷмуӣ, амалиётҳои махсус ва чорабиниҳои махсусро ба танзим медароранд, қабул менамояд. Дар натиҷаи тадқиқоти масъалаи баррасишаванда аз ҷониби муаллиф як қатор хулосаҳо ва пешниҳодҳо ҷиҳати мукаммалсозии фаъолияти Агентӣ ба қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур карда шудааст.

**Боби 3-юми рисола – «Такмили қонунгузорӣ дар бораи фаъолияти идоракунии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳо ва вазъи консептуалии ҳалли онҳо»** унвон дошта аз ду параграф иборат мебошад, ҳамчун проблемаҳои умумӣ, ки аз мукаммалсозии қонунгузории миллӣ вобастагӣ дорад ва проблемаҳои такроршавии ваколатҳои назорати давлатии молиявии Агентӣ ва Палатаи ҳисоб, инчунин консепсия дар бораи ташаккулёбии мақомоти нави махсусгардонидашудаи зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешавад.

Дар параграфи ***якуми боби сеюми рисола “Проблемаҳои умумие, ки ба такмили қонунгузорӣ дар бораи Агентӣ ва ҳалли онҳо”*** *вобастагӣ дорад*, қайд карда шудааст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ ба Маҷлиси Олии кишвар аз 26-январи соли 2021 иброз доштанд, ки “...мубориза бо коррупсия вазифаи асосии мақомоти давлатӣ, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як шаҳрванд маҳсуб меёбад”[34], аз ин ру проблемаҳои муқовимат бо коррупсия дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ фавқулода муҳим ва мубрам буда, он

---

[34] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021 [Захираи электронӣ] / Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ: URL: http://mmk.tj. (санаи муроҷиат: 21.03.2021).

гузаронидани ислоҳоти басо ҳамоҳангсозшудаи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатиро тақозо менамояд.

Қайд кардан зарур аст, ки маҳз дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон пойгоҳи (базаи) миллии қонунгузории махсусгардонидашудаи зиддикоррупсионӣ ташаккул ёфтааст. Меъёрҳои қонунгузории ба фаъолияти зиддикоррупсионӣ нигаронидашуда чи дар қонунҳои соҳавӣ ва чи дар санадҳои зерқонунии идоравӣ қабул гардидаанд, ки онҳо дар маҷмӯъ азамати меъёрии таносуби мустақилиятро дар низоми ҳуқуқии кишвар ташкил медиҳанд. Ва дар ин маврид дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 низ қайд карда шудааст.

Дар баробари ин, ба ақидаи муаллиф, қонунгузории муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мақоми Агентиро ба танзим даровардааст, баъзе проблемаҳоро ошкор намудааст, аз ҷумла: набудани муназзамӣ ва алоқаи дохилии меъёрҳое, ки дорои предмети ягона мебошанд; афзуншавии меъёрҳои ҳуқуқии дорои хусусияти амрдиҳӣ ва иҷозатдиҳӣ, такрорёбӣ ва ихтилофоти зиёди санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунанда, ки фаъолияти Агентиро ба танзим медарорад ва ғайра. Аз тарафи ташкилӣ-расмӣ бошад, ба ақидаи муаллиф проблемаҳои зерин мавҷуданд: зимни коркарди қонунгузорӣ дар аксарияти ҳолатҳо пешниҳод ва тавсияҳои иттиҳодияҳои илмӣ ва экспертӣ ба назар гирифта намешаванд; таҷзияи доираи татбиқи ин санадҳо вуҷуд надорад (чораҳои ҳуқуқӣ-оммавӣ бо ҳуқуқӣ-шахсӣ иваз карда шудаанд); санадҳои зерқонунии зиддикоррупсионӣ ба таври пурра принсипҳои кушода ва шаффофи фаъолиятро инъикос намекунанд. Ба ғайр аз ин, проблемаи мутобиқати санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба меъёрҳои байналмиллалии зиддикоррупсионӣ низ вуҷуд дорад.

Барои ҳалли масъалаҳои болозикр, муаллиф як қатор пешниҳодҳоро аз ҷумла, оид ба коркарди расмиёти маъмурӣ, ташкилию идоракунии муосир ҳамчун соддакунонии механизми расонидани хизматрасониҳои давлатӣ манзур намуд. Инчунин дар бораи зарурияти усули комилан нав ба мукаммалсозии воситаҳои маъмурию ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия дар соҳаи иҷтимоӣ; ба инобат гирифтани хусусиятҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар ин ё он сегменти идоракунии давлатӣ ба вуҷуд омадаанд; бо қонунгузорӣ мустаҳкам намудани ҳолати батартибандозии масъалаҳои муқовимат бо коррупсия аз роҳҳои мухталиф, ки ба муайян намудани хусусиятҳои он, инчунин интихоби воситаҳои маъмурию ҳуқуқии ба он таъсирбахш кумак менамояд; Чораҳои номбаршуда ба давлат имкон медиҳад, то низоми самараноки воситаҳои маъмурию ҳуқуқие, ки муайянкунандаи чи ҳолатҳои умумӣ ва чи махсуси талқинкунандаи коррупсия дар соҳаҳои гуногуни идоракунии давлатӣ мебошанд ба ин васила таъсири назаррасро дар коҳиш ёфтани хавфҳои коррупсионӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ ба вуҷуд оранд. Дар робита ба ин, муаллиф мубрамият ва эҳтиёҷот ба қабули Қонуни Конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти ҳокимияти иҷроия” ва дар асоси он коркард ва қабули “Нақшаи милии муқовимат бо коррупсия дар

соҳаи ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030”-ро асоснок менамояд.

Дар параграфи ***дуюми “Масъалаҳои ҳудудгузории ваколатҳои Агентӣ ва Палатаи ҳисоб, консепсияи ташаккулёбии мақомоти махсусгардонидашудаи зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон”*** қайд карда мешавад, ки марҳилаи муосири ташаккулёбии низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ инчунин сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хусусиятҳо ва аломатҳои тавсифии худ фарқкунанда мебошанд. Кушишҳо ва иродаи сиёсии роҳбарияти олии кишвар ба самти ташкили низоми самаранок, мақомоти қобили кори дорои салоҳияти махсус, ки қобилияти ҳал намудани масъалаҳои муқовимат бо коррупсияро дошта бошад, нигаронида шудааст. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12-декабри соли 2011, №1173 мақомоти олии назорати давлатии молиявӣ-Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки ҳадафи он аз фароҳам овардани тамоми шароитҳо ҷиҳати ташаккулёбии самаранок, сариватӣ ва дуруст, тақсимот ва истифодабарии фондҳои буҷети давлатӣ ва амволи давлатӣ иборат аст, ки худ чораи маъмурию ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия мебошад. Вазъи ҳуқуқӣ ва фаъолияти Палатаи ҳисоб дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 28-июни соли 2011, №749 ба танзим даровaрда шудааст.

Таҳқиқи гузаронидашуда собит намудааст, ки миёни Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Палатаи ҳисоб масъалаи такроршавии ваколатҳо вуҷуд дорад. Масалан, қонунгузории ҶТ дар бораи Агентӣ онро ҳамчун мақомоти назорати давлатии молиявии кишвар муайян намудааст ва айни чунин ваколатҳоро Палатаи ҳисоб, ҳамчун мақомоти олии назорати молиявӣ низ доро мебошад. Ба ақидаи диссертант чунин вазъ мебояд тариқи тасҳеҳи қонунгузорӣ дар муайян намудани мақоми садрнишинии мақомоти назорати давлатии молиявӣ, ҳатман бо назардошти дурнамои рушд ё, ки барҳамдиҳии онҳо анҷом дода шавад.

Мутобиқи қонунгузории амалкунанда Палатаи ҳисоб аудити давлатии истифодабарии воситаҳои буҷети давлатиро мегузаронад ва аз натиҷаи он ҷиҳати бартарафсозии камбудиҳои ошкоршуда ва беҳбудии фаъолияти объекти санҷишшуда тавсияҳоро манзур менамояд ва Агентӣ бошад, чорабиниҳои контролию назоратӣ ва фаврӣ-ҷустуҷуиро мегузаронад. Бо вуҷуди ин, масъалаи ҳудудгузории қонунии тафовутҳои болозикр ҳамоно нотамом монда, дар фаъолияташон баъзан такроршавиҳо мушоҳида мешаванд. Масалан, ***аудит*** ҳамчун истилоҳи бисёрҷанба, ҳамчун воситаи гузаронидани санҷиши фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ-иқтисодӣ аз ҷониби мутахассисони Палатаи ҳисоб бошад, айнан чунин санҷишро кормандони Агентӣ низ метавонанд гузаронанд.

Зимни таҳлили санадҳои қонунгузорӣ (Қонуни ҶТ “Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия” аз 20.03.2008 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Палатаи ҳисоби

Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 28-июни соли 2011, №749, инчунин Низомномаи онҳо), ки вазъи ҳуқуқии онҳоро ба танзим медарорад, мо пешниҳод менамоем, ки тавассути татбиқи техника ва технологияи ҳуқуқэҷодкунӣ бо номи ***“рекодификатсия”*** **-** *кодификатсия* , ки маънии такмил ва азнавкунии санади қонунгузориро дорад, навсозии санадҳои қонунгузории болозикр бо дар як вақт додани ваколатҳои назорати давлатии молиявӣ аз Агентӣ ба Палатаи ҳисоб гузаронида шуда ба ин васила шаффофият ва хусусиятҳои институтсионалии институтҳои ҳуқуқӣ таъмин гардад. Баъд аз ин, бо мақсади мушаххаскунонӣ Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия минбаъд Агентии муқовимат бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон номгузорӣ карда шавад. Чунин иқдом ба ақидаи мо пурра ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат бо коррупсия”, ки дар он Агентӣ мақомоти истисноии мубориза бо коррупсия баррасӣ гардидааст, мувофиқат менамояд. Қайд карда шудааст, ки консепсияи пешниҳодшуда оид ба рекодификатсияи қонунгузории зиддикоррупсионӣ ва назоратию молиявӣ ба таъмини мустақилияти соҳавӣ ва функсионалии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуда, дар баланд бардоштани самаранокӣ ва натиҷагирии фаъолияти онҳо аз манфиат холӣ нест. Тағйири номи Агентӣ бошад ба фаъолияти махсуси он дар мубориза бо коррупсия таҳким бахшида ӯро аз вазифаҳои ба мақомот хос набудаи табиии ҳуқуқӣ озод менамояд.

Дар ҷамъбасти рисола хулосаҳои асосии назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ, ки аз таҳқиқи гузаронидашуда маншаъ гирифтаанд, манзур карда шудааст.

## Хулоса

Дар натиҷаи тадқиқоти гузаронидашуда муаллиф ба хулосае меояд, ки ислоҳоти идорӣ дар кишвар ҷараёндошта мукаммалсозии сохти идораи зиддикоррупсиониро ба пуррагӣ фарро нагирифтааст. Аз ҷумла зимни баррасии Агентӣ ҳамчун мақомоти сирф ҳифзиҳуқуқӣ ба вазъи маъмурию ҳуқуқии он ҳамчун мақомоти идоракунии давлатӣ, ки ба шохаи ҳокимияти иҷроияи давлатӣ мансубият дорад, таваҷҷуҳи начандон зарурӣ дода шудааст.

Дар баробари ин, ҳалли масъалаҳои фаъолияти ташкилию ҳуқуқии Агентӣ ҳамчун мақомоти ҳокимияти иҷроия бе муайян намудани ҳолати маъмурию ҳуқуқӣ ва субъекти ҳуқуқӣ будани он масъалаи басо мураккаб ва гуногунҷанба буда, дарки ҷиддии назариявӣ ва таҳлили маҷмӯии маводҳои меъёриро, ки дар ҷараёни роҳандозии амалӣ ҷамъоварӣ гардидаанд, тақозо менамояд.

Самти болозикр бо ҳадафҳои тадқиқоти мазкур созгор буда, аз ҳамин лиҳоз ба таҳлили гузаронидашуда оид ба вазъи маъмурию ҳуқуқии Агентӣ истинод намуда кушиш ба харҷ дода шудааст, то як қатор хулосаҳо, пешниҳодҳо ва тавсияҳо манзур гарданд.

**Хулосаҳое, ки натиҷаҳои асосноккунии илмии тадқиқоти диссертатсиониро инъикос менамоянд:**

-муаллиф зарурияти такмил додани сохтор, низом, инчунин механизми идоракунии дохилиидоравии Агентиро ба миён гузоштааст. Ба ақидаи ӯ, такмилдиҳӣ бояд рушди як қатор функсияҳooро чун ташкилӣ-идоракунӣ ва ҳифзиҳуқуқӣ фаро гирад. Сохти назариявиро баррасӣ намуда қайд гардидааст, ки барои ташаккули институти махсусгардонидашудаи зиддикоррупсионӣ омилҳои зерин аҳамияти калон доранд:

1) асосноккунии назариявӣ ва ё консептуалии зарурияти таъсиси мақомоти зиддикоррупсионӣ;

2) асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, ҳамчун омили муҳими таъминоти ҳуқуқии он;

3) омили таъминоти молиявӣ- ислоҳоти падидаҳои куҳна ё таъсиси институтҳои нави махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия масрафоти моддии дахлдорро талаб менамояд, аз ин лиҳоз, қаблан имкониятҳои буҷети давлатӣ ва сарчашмаҳои берунаро баҳогузорӣ намудан муҳим аст;

4) "Таҳлил"-и ҳолати коррупсионии кишвар ва коркарди "Стратегия"-и муқовимат бо коррупсия;

5) ташаккули низоми ташкилии дохилӣ ва коркарди низомномаҳои дохилӣ, расмиёти идоракунӣ, ки амалисозии онҳо чи дар қонун ва чи дар санадҳои меъёрию ҳуқуқии идоравӣ роҳандозӣ карда мешаванд. Ҳамзамон қонунгузории миллӣ бояд, ки ба меъёрҳои байналмиллалӣ мутобиқат кунанд.

Бояд қайд намуд, омилҳои фавқуззикр ҳамаашон ҳамчун асос маҳсуб ёфта зимни ташкилёбии мақомоти зиддикоррупсионӣ-Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар гирифта шудаанд. Ин мақомот дорои механизми нодири идоракунии давлатӣ ва мақоми дугунаи фаъолият мебошад, ки он функсияҳои назорати- молиявӣ ва ҳифзиҳуқуқиро дар бар гирифтааст. Мазмуни ташкилию идоракунии фаъолияти Агентӣ аз чораҳои ташкилӣ ва идоракунии низоми он, ки мазмуни байнисоҳавӣ доранд, ҳамчун фаъолияти зерин роҳандозӣ мегарданд: аз рӯи ташкил ва гузаронидани назорати молиявӣ; аз рӯи пешгирӣ, ҷилавгирӣ ва рафъи кирдорҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, ки ба иҷроиявӣ-амрдиҳӣ марбутанд, яъне намуди идоракунии фаъолияти Агентӣ. Функсияҳо оид ба таъқиботи ҷиноятӣ бошад дорои мазмуни ҳифзиҳуқуқӣ буда он ба татбиқи вазифаҳо оид ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тартиботи ҳуқуқӣ ва қонуният нигаронида шудааст.

1. Ҳамин тариқ, қайд карда шудааст, ки мазмуни вазъи ҳуқуқии Агентӣ аз мисдоқҳои умумӣ ва махсус ки салоҳиятнокии онро ташкил додааст, иборат мебошад. Ҳамзамон салоҳияти умумии он вазъи ҳуқуқии он дар маҷмӯъ ва унсурҳои салоҳияти махсус, хусусияти салоҳиятнокӣ ва функсионалии фаъолияти Агентиро таҷассум намудааст. Мутобиқи ин

сохтор, ба ақидаи муаллиф Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ҷойгоҳ, таъинот ва маҳфуми худ ба мақомоти идоракунии давлатӣ мансубият дорад, зерро он фаъолияти иҷроиявӣ-амрдиҳиро анҷом медиҳад. Маҳфуми вазъи маъмурию ҳуқуқии он бошад, дар маҷмӯи ваколатҳои идоракунии мақомот ва мутобиқати махсуси функсияҳои назоратӣ-ҳифзиҳуқуқии он арзёбӣ гардидааст, ки ҳамчун шакли миллӣ нодир аст.

2. Аз рӯи таҳлили назариявии мақом оид ба вазифаҳо , ваколатҳо ва салоҳиятҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ба ақидаи диссертант вазъи маъмурию ҳуқуқии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ҷойгоҳи ӯ дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии ҷумҳурӣ, таъинот, мақсад ва вазифаҳо, ваколатҳо, функсияҳо ва салоҳиятҳо, мустақилияти ӯ дар роҳандозии ваколатҳои худ ва муносибатҳои мутақобилааш бо дигар мақомоти ҳокимияти давлатии кишвар муқаррар карда шудааст. Яъне, вазъи маъмурию ҳуқуқии Агентӣ аз руи он ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳое, ки ба ӯ давлат ҳамчун субъекти ҳуқуқи маъмурӣ додааст ва ин ҳуқуқҳо ба ӯ имкон додаанд, то ба муносибатҳои маъмурию ҳуқуқӣ ворид шавад, муқаррар гардидааст.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

Хулосаҳои дорои аҳамияти назариявӣ, дар шакли таклиф ва пешниҳодҳо, ки ба рушду такомули санадҳои меъерию ҳуқуқии муайянкунандаи вазъи маъмурию ҳуқуқии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубоиза бо коррупсия равона карда шудаанд.

1. Пешниҳод гардидааст, ки қонунгузор дар қисми якуми моддаи 9 Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат бо коррупсия» оиди хусусияти вазифаи идоракунии (иҷроия ва идоракунӣ) Агентӣ қайд менамояд, ки ҳамаи 10 банди ваколатҳои дар моддаи болозикр номбаршуда, ваколатҳои ҳуқуқэҷодкунӣ буда, дорои хусусияти байниидоравӣ мебошанд. Ин ба он асос меёбад, ки:

– якум, қоидаҳои методӣ, ташкилӣ, баҳодиҳи ва таҳлили натичаҳо вобаста ба дараҷаи хавфҳои коррупсионӣ, дар фаъолияти идорӣ, дорои шаклҳои гуногун мебошанд;

- дуюм, фаъолияти таҳлилӣ (аналитикӣ) ва мониторинг – шаклҳои алоҳидаи фаъолияти идорикунӣ мебошанд, зеро аз рӯи натиҷаҳои онҳо хулосабарориҳои ташкилӣ карда шуда, тавсияҳо дода мешаванд ва м.и;

- сеюм, баҳодиҳӣ ва таҳлил, ҳамчун раванди фаъолияти идоракунӣ амалҳои мустақил мебошанд. Дар ҳамин замина, вазъи маъмурию ҳуқуқии Агентӣ дар меъёри мазкур ба чунин шаклҳои фаъолият, аз ҷумла: ташкилӣ, методӣ, баҳодиҳӣ (таҳлили маводҳо, натиҷаҳо ва ғ. дар худ илова менамоянд) ифода ёфтааст.

2. Муаллиф қайд менамояд, ки ошкорнамоӣ, таҳлил ва омоданамоии таклифҳои асоснок вобаста ба бартарафнамоии омилҳои коррупсионӣ (коррупсиогенӣ), ки дар моддаи 5 Қонуни ҶТ «Дар бораи ташхиси зиддикоррупсионии санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои

меъёрӣ-ҳуқуқӣ» номбар шудаанд, хусусияти таҳлилӣ (аналитикӣ) илмӣ-тадқиқотӣ дошта, нозири оддии Раёсати ташхис, бе доштани дараҷанокии тахассусӣ, маълумот ва илмӣ, инчунин таҷрибаи фаъолияти таҳлилӣ (аналитикӣ), наметавонад ташхиси сифатнокро анҷом диҳад. Бинобар ин, аз мазмун ва моҳияти моддаи 19 Қонуни ҶТ «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки имконияти ташкили сохтори илмӣ-экспертиро дар назди Агентӣ пешбинӣ менамояд, диссертант пешниҳод менамояд, ки ба тариқи дар қонунгузорӣ меъёр, вобаста ба талаботҳои илмӣ-маълумотӣ ва тахассуснокии номзад ба вазифаи нозири Раёсати экспертизаи Агентӣ пешбинӣ карда шуда, муқаррар карда шавад, ки аъзои Шӯрои илмӣ-экспертии назди Агентӣ метавонанд танҳо шахсони дорои дараҷаи илмӣ ва собиқаи фаъолияти илмӣ-педагогӣ бошанд.

3. Масъалаи ворид намудани мафҳуми *«КОНТРОЛ»* ба гардиши қонунгузории низоми ҳуқуқии миллӣ, ҳамчун мафҳуми танҳо *«КОНТРОЛ»* саривақтӣ мебошад, зеро дар қонунгузории аксарият мамлакатҳ ои хориҷи кишвар мафҳумҳои *«КОНТРОЛ»* ва *«НАДЗОР»* ҳамчун мафҳумҳои алоҳида истифода шуда, дар забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, ҳарду мафҳум бо як калимаи *«НАЗОРАТ»* ифода карда мешаванд, ки маънои калимаи *«КОНТРОЛ»*-ро гум менамояд. Дар муайяннамоии вазъи ҳуқуқии Агентӣ муҳимияти маънои мафҳуми *«КОНТРОЛ»*-ро, ки мақсаду вазифаҳояш аз: маълумотдиҳӣ, огоҳкунӣ-пешгирӣ ва барқароркунӣ-ислоҳнамоӣ иборат буда, ин истилоҳро махсус мегардонад, ба инобат гирифта, пешниҳод гардидааст, ки истилоҳи *«КОНТРОЛ»* бо маънои хоси худ ба қонунгузории миллӣ (бо забони давлатӣ) амалӣ гардонида шавад.

4. Таърифи муаллифии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқии Агентӣ дар заминаи тағйири тафсири (парадигмаи) қонунгузорӣ “мубориза бо коррупсия” ва “муқобилият бо коррупсия” ба “муқовимат ба коррупсия” тах ия шудааст. (дар таҳрири ҚҶТ «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз санаи 7 августи соли 2020 таҳти №1714).

Зери фаъолияти ҳифзи ҳуқуқии Агентӣ, фаъолияти Агентиро бо мақсади пешгирӣ, ошкорнамоӣ, кушодан, тафтишоти пешакӣ ва таҳқиқи ҳуқуқвайронкуниҳои марбут ба коррупсия, бартарафнамоии сабабу шароитҳои мусоидаткунандаи коррупсия ва оқибатҳои ҳуқуқ-вайронкуниҳои коррупсионӣ бо шаклу усулҳои ба мақсад, вазифа ва функсияҳои Агентӣ комилан мувофиқ бояд дарк намуд.

5. Дар доираи чорабиниҳо оид ба такмили низоми мақомот, ки ба коррупсия муқовимат менамоянд, хулоса дар бораи аз Агентӣ ба Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон додани ваколатҳои назорати давлатии молиявӣ асоснок гардидааст, ки ба ин васила тозагии функсионалӣ ва мустақилияти институтсионалии ин институтҳои ҳуқуқӣ низ, таъмин карда мешавад.

6. Бо дарназардошти саривақтӣ (актуалӣ) будани тафсири (парадигмаи) «муқовимат бо коррупсия» муаллиф ивази ном намудани

мақоми баррасишавандаро ба Агентии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад шуморидааст.

Бо ҳамин назардошт, номбурди мушаххаси сарлавҳавӣ пурра бо мақсаду вазифаҳои дар назди Агентӣ ҳамчун мақоми махсусгардонидашуда гузошташуда мутобиқат намуда, ба раванди қонунэҷодкунии ҚҶТ «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз санаи 7 августи соли 2020 таҳти №1714, ки Агентӣ мустасно ҳамчун субъекти бевоситаи муқовимат ба коррупсия баррасӣ мегардад, мувофиқ мебошад.

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ:

### I) Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

**[1-М].** Қиёмидинов С.А. “Роҷеъ ба асосҳои ташкилию ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия дар ҶТ дар даврони истиқлолият”. [Матн] / С.А. Қиёмидинов // Паёми ДМТ, № 2/7(213). – Душанбе: «СИНО» 2016. – С.240-247;

**[2-М].** Киёмидинов С.А. Роль гражданского общества в противодействии коррупции в Республике Таджикистан. [Текст] / С.А. Киёмидинов // Известия Института Философии, Политологии и Права им. А. Баховаддинова НАНТ (научный журнал) серия государственно-правовых наук, №4. – Душанбе, 2016. – С.201-205. (Бо забони русӣ);

**[3-М].** Киёмидинов С.А. Некоторые вопросы определения административно-правового статуса антикоррупционного ведомства Республики Таджикистан. [Текст] / С.А.Киёмидинов // Правовая жизнь, № 4. 2021. – С.119-125. (Бо забони русӣ).

### II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

**[4-М].** Қиёмидинов, С.А. Асосҳои ташкилию ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Конференсияи ҷумҳуриявии назариявӣ-илмӣ “Истиқлолияти давлатӣ – таҳкимбахши низоми давлатдории миллӣ”. - ВМКБ, Авҷ, 10-12 августи 2016 с. [Матн]. - Душанбе: Ирфон, 2016. - 320 с. (– С. 212-224);

**[5-М].** Киёмидинов С.А. Административно-правовой статус Агентства по государственному финансовому контролю и борьбы с коррупцией Республики Таджикистан. // Публично-правовые механизмы в обеспечении общественного развития. Материалы Всероссийской научно-практической конференции, посвященной памяти профессора Нины Антоновны Куфаковой. Москва, 7 апреля 2017 г. Москва: РУДИ, 2017. – С.185-192. (Бо забони русӣ);

**[6-М].** Қиёмидинов С.А. Ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бо коррупсия. [Матн] / С.А.Қиёмидинов // Маводҳои конференсияи дуюми илмӣ–амалӣ дар мавзӯи “ҳуқуқ ва иқтисодиёт: масъалаҳои ҳуқуқии иқтисодиёти рақамӣ” аз 28 майи соли 2021 / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Меликов У.А., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Қудратов Н.А. – Душанбе: “Баҳманруд”, 2021. – С.194-199.;

**[7-М].** Киёмидинов С.А. Некоторые вопросы определения административно-правового статуса антикоррупционного агентства Республики Таджикистан [Текст] / С.А. Киёмидинов // Академический юридический журнал. – 2022. - № 1(41). – С. 81-84. (Бо забони русӣ);

**[8-М].** Киёмидинов С.А. Проблемы разграничения полномочий антикоррупционного ведомства и Счетной палаты Республики Таджикистан // Актуальные вопросы развития государственности и публичного права. Материалы VIII международной научно-практической конференции. Россия, г.Санкт-Петербург, 7-октября 2022 г. (Бо забони русӣ).

**[9-М].** Қиёмидинов С.А. Маҷмӯи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ марбут ба мубориза бар зидди коррупсия дар ҶТ). [Матн] / Қиёмидинов С.А. // Монография. – Душанбе, 2009. - 539 с. (дар ҳаммуаллифӣ);

**[10-М].** Киёмидинов С.А. «Роль гражданского общества в противодействии коррупции в республике Таджикистан». [Текст] / Қиёмидинов С.А. // Брошюра. – Душанбе, 2015. - 45 с. (дар ҳаммуалифӣ). (Бо забони русӣ);

**[11-М].** Киёмидинов С.А. «Масоили инкишофи ҳуқуқ ва қонунгузорӣ оид ба мубориза бо коррупсия: асосҳои ташкилию ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия » [Матн] / Қиёмидинов С.А. // Такмили ҳуқуқ ва қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият: Монография. – Душанбе: «Дониш», 2016. - 370 с. (– С. 277-297).

**Аннотация**
**на диссертацию Киёмидинова Саидходжа Амриддиновича на тему: «Административно-правовой статус антикоррупционного ведомства Республики Таджикистан» представленной на соискание учёной степени кандидата юридических наук по научной специальности 12.00.14 – Административное право; административный процесс (юридические науки)**

**Ключевые слова:** Конституция, Конвенция ООН против коррупции, стратегия, Агентство по государственному финансовому контролю и борьбы с коррупцией Республики Таджикистан, имплементация, закон, право, функция, компетенция, правоспособность, дееспособность, правоприменительный, противодействие коррупции.

Кандидатская диссертация посвящена анализу административно-правового статуса специализированного уполномоченного государственного органа по государственному финансовому контролю и борьбе с коррупцией Республики Таджикистан, где автор указывает на её двойственную правовую природу как административно-управленческое составляющее, так и правоохранительное – функциональную деятельность Агентства. Так же в диссертации особо отмечается об уникальности собственной национальной моделью, где главное внимание уделено на наличие таких элементов как самостоятельность, компетентность, правоспособность и обладанием правоприменительных функций рассматриваемого органа. Кроме того, автор указывает на то, что в результате развития основ национальной государственности в Таджикистане, укрепления правопорядка и борьбы с коррупцией, заметно расширяется и субъектный состав лиц, противодействующих коррупции.

В частности автором предлагается об устранении дублировании функции между государственными органами и путем рекодификации переименовать название антикоррупционного ведомства тем самым, освободит Агентство от несвойственных правоохранительному органу задач, сосредоточив её усилия на противодействия коррупции.

Основные выводы и предложения диссертационного исследования имеют большое теоретическое и практическое значение и должны способствовать совершенствованию национального законодательства по вопросам административно-правового статуса антикоррупционного ведомства и в целом развития административного прав в Республике Таджикистан.

**Аннотатсия**

**ба диссертатсияи Қиёмидинов Саидхоҷа Амриддинович дар мавзӯи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

**Калидвожаҳо:** Конститутсия, Конвенсияи СММ зидди коррупсия, стратегия, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, имплементатсия, қонун, ҳуқуқ, функсия, салоҳият, қобилияти ҳуқуқдорӣ, мукаллафӣ, , муқовимат бо коррупсия.

Рисолаи номзадӣ ба таҳлили вазъи маъмурию ҳуқуқии мақомоти махсусгардонидашудаи назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда дар он муаллиф ба дуият (духелагӣ, дугунагӣ)-и хусусият ва табиати ҳуқуқии он чи аз лиҳози маъмурӣ-идоракунӣ ва чи функсионалӣ-ҳифзи ҳуқуқӣ ишора намудааст. Инчунин дар рисола дар бораи нодир (беназир) будани ин модели миллии худӣ, ки дар он диққати асосӣ ба мавҷуд будани унсурҳое чун мустақилият, салоҳиятнокӣ, қобилияти соҳибҳуқуқӣ ва дар ихтиёри худ доштани функсияҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ, махсус қайд карда шудааст. Ба ғайр аз ин, муаллиф бар он ишора менамояд, ки дар натиҷаи рушд намудани асосҳои давлатдории миллӣ дар Тоҷикистон, таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ ва мубориза бо коррупсия, ҳамзамон ҳайати субъектҳои муқовиматкунанда бо коррупсия, низ тавсеаи назаррас ёфтаанд.

Аз ҷумла муаллиф дар он пешниҳод менамояд, ки такрорёбии функсияҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ бартараф карда шуда, тариқи рекодификатсия номгузории мақомоти зиддикоррупсионӣ тағйир дода шуда, ба ин васила ба фаъолияти махсуси он дар мубориза бо коррупсия таҳким бахшида ӯро аз вазифаҳои ба мақомот хос набудаи табиии ҳуқуқӣ озод намояд.

Хулоса ва пешниҳоди таҳқиқоти диссертатсионӣ аҳамияти муҳими назариявӣ ва амалӣ дошта, дар такмили қонунгузории миллӣ оид ба масъалаҳои вазъи маъмурию ҳуқуқии мақомоти зиддикоррупсионӣ ва дар маҷмӯъ ба рушди ҳуқуқи маъмурӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

**Annotation**

**for the dissertation of Qiyomidinov Saidkhoja Amriddinovich on: "Administrative and legal status of the anti-corruption department of the Republic of Tajikistan" submitted for the degree of candidate of legal sciences in the scientific specialty 12.00.14 - Administrative law; administrative process (legal sciences)**

Key words: Constitution, UN Convention against Corruption, strategy, Agency for State Financial Control and Fight against Corruption of the Republic of Tajikistan, implementation, law, right, function, competence, legal capacity, legal competence, law enforcement, anti-corruption.

The candidate's dissertation is devoted to the analysis of the administrative and legal status of the specialized authorized state body for state financial control and the fight against corruption of the Republic of Tajikistan, where the author points to its dual legal nature as an administrative and managerial component, and law enforcement - the functional activities of the Agency. The dissertation also emphasizes the uniqueness of its own national model, where the main attention is paid to the presence of such elements as independence, competence, legal capacity and the possession of law enforcement functions of the body involved. Moreover, the author points out that as a result of the development of the foundations of national statehood in Tajikistan, the strengthening of the rule of law and the fight against corruption, the subject composition of persons who counteract corruption is noticeably expanding.

In particular, the author proposes to eliminate duplication of functions between state bodies and, through recodification, rename the name of the anti-corruption agency, thereby absolve the Agency from tasks unusual for a law enforcement agency, focusing its efforts on combating corruption.

The main conclusions and proposals of the thesis research are of great theoretical and practical importance and should contribute to the improvement of national legislation on the administrative and legal status of the anti-corruption agency and, in general, the development of administrative rights in the Republic of Tajikistan.

Сдано в набор 23.11.2022 г. Подписано в печать 28.11.2022.
Бумага офсетная. Формат 60х84 1/16. Услов. печ. л.4,5.
Тираж 100 экз.
Отпечатано в типографии АГУ при Президенте РТ.
Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саид Носир-33.